**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**
**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ**
**ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ ВОСЕЪ**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ВОСЕЪ БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

## МУНДАРИЧА

**Рӯйхати ихтисорот** ........ 3

**Пешгуфтор** ........ 4

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ВОСЕЪ** ........ **5**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ** ........ **9**
2.1. Соҳаи кишоварзӣ ........ 9
2.2. Соҳаи саноат. ........ 19
2.3. Соҳаи сохтмон ........ 21
2.4. Соҳибкории хурд ва миёна ........ 22

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ** ........ **25**
3.1. Соҳаи маориф ........ 25
3.2. Соҳаи тандурустӣ ........ 28
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ........ 32
3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат ........ 35
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш ........ 36

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР** ........ **36**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ........ 36
4.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ ........ 40
4.3. Таъмини барқ ........ 42
4.4. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ........ 43
4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ........ 44

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА** ........ **44**
5.1. Ҳифзи муҳити зист ........ 44
5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода, пешгирӣ ва кам кардани ҳолати хатари онҳо. 46

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ** ........ **50**
6.1. Таъминоти буҷетӣ ва молиявӣ ........ 50

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ** ........ **54**

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди ноҳияи Восеъ аз рӯи соҳаҳо**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АИО | Ассотсиатсияи истифодабарандагони об |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВМЕҲ | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВТАН | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВНАҚ | Вазорати нақлиёт |
| ВМОЛ | Вазорати молия |
| ВКИШ | Вазорати кишоварзӣ |
| ВЭНЕ | Вазорати энергетика ва захираҳои об |
| ГК | Гуруҳҳои кории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| ИДБЗОВ | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Восеъ |
| КДСА | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИҲД | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| МБҲ | Маркази барқии ҳароратдиҳанда |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| РИСНМК | Раёсати истифодабарии стансияҳои насосии минтақаи Кӯлоб |
| СВОТ | Паҳлуҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | "Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

## ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди ноҳияи Восеъ дар асоси санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», "Дар бораи мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ", "Мақомотҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳот" ва "Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул دониста шудааст таҳия шуда, барои дар сатҳи маҳаллӣ татбиқ намудани ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ, аз ҷумла Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015", "Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ равона гардидааст. Барномаи мазкур бо кӯмаки машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, аз ҷониби Гуруҳи кории ноҳия, ки бо амри Раиси ноҳияи Восеъ №39 аз 23 феврали соли 2015 (оид ба таҳияи "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Восеъ барои солҳои 2016-2020") тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст. Дар раванди таҳияи он намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои ҷамъиятиву хусусӣ ва мутахассисони соҳавии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии (МИҲД) ноҳия ҷалб гардидаанд.

Ҳадафи асосии Барномаи мазкур ба таъмин намудани рушди устувори соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, бо истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ҷиҳати ба кор даровардани иқтидорҳои мавҷудаи саноатӣ, беҳтар намудани хизматрасонии заминавии иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии мардуми ноҳия нигаронида шудааст. Барномаи зикргардида ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсатиояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамӯҳлат муайян менамояд.

Ба Барномаи рушди ноҳия 280 лоиҳа ба маблағи 375489 ҳаз. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 122 лоиҳа ба маблағи 84980 ҳаз. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 81 лоиҳа ба маблағи 96670 ҳаз. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 54 лоиҳа ба маблағи 162426 ҳаз. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 4 лоиҳа ба маблағи 1690 ҳаз. сомонӣ ба бахши ҳифзи муҳити зист, 12 лоиҳа ба маблағи 27025 ҳаз. сомонӣ ба бахши ҳолатҳои фавқулодда ва 7 лоиҳа ба маблағи 2698 ҳаз. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

**Тақсимоти маблағҳои "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Восеъ барои солҳои 2016-2020 аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ).**

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 34150 | 8420 | 7530 | 8668 | 5392 | 4140 |
| Саноат | 7550 | 5650 | 1900 | 0 | 0 | 0 |
| Соҳаи соҳибкории хурду миёна | 14020 | 3950 | 3220 | 2770 | 2570 | 1510 |
| Сохтмон | 29260 | 100 | 3700 | 8000 | 9160 | 8300 |
| **Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ** | **84980** | **18120** | **16350** | **19438** | **17122** | **13950** |
| Маориф | 50000 | 6930 | 13230 | 16050 | 10370 | 3420 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 24570 | 5955 | 9875 | 5940 | 2800 | 0 |
| Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 22100 | 2375 | 7265 | 7160 | 4000 | 1300 |
| **Ҳамагӣ, блоки иҷтимоӣ** | **96670** | **15260** | **30370** | **29150** | **17170** | **4720** |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 17624 | 1930 | 5275 | 5083 | 2226 | 3110 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ (ХМК) | 26085 | 2195 | 6370 | 7520 | 6500 | 3500 |
| Таъмини барқ | 27187 | 5039 | 6175 | 8462 | 5276 | 2235 |
| Нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо | 91530 | 4050 | 6250 | 8300 | 18800 | 54130 |
| **Ҳамагӣ, блоки инфрасохтор** | **162426** | **13214** | **24070** | **29365** | **32802** | **62975** |
| **Ҳифзи муҳити зист** | **1690** | **150** | **600** | **450** | **0** | **490** |
| **Ҳолатҳои фавқулодда** | **27025** | **4407** | **6948** | **7950** | **4970** | **2750** |
| **Таъминоти захиравӣ** | **2698** | **60** | **515** | **556** | **586** | **981** |
| **Ҳамагӣ, арзиши БРН** | **375489** | **51211** | **78853** | **86909** | **72650** | **85866** |
| Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ | 114262 | 9515 | 27021 | 35883 | 25952 | 15891 |
| Буҷети вилоятӣ | 33565 | 3250 | 10425 | 8050 | 7300 | 4540 |
| Буҷети маҳаллӣ | 8473 | 1234 | 2110 | 2269 | 1550 | 1310 |
| Маблағҳои худии соҳибкорон, аҳолӣ, х/д, ташкилоту муассисаҳо | 101453 | 24306 | 23540 | 26389 | 17898 | 9320 |
| Сармояи хориҷӣ | 117736 | 12906 | 15757 | 14318 | 19950 | 54805 |

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ВОСЕЪ.

## 1.1. Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ноҳияи Восеъ

Ноҳияи Восеъ 6,7%-и ҳудуди умумии вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Ноҳия дар қисмати ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ буда, он аз шимол бо ноҳияи Темурмалик, аз тарафи шарқ бо ноҳияҳои Ховалинг ва Кӯлоб, аз тарафи ғарб ба ноҳияи Данғара ва аз тарафи ҷануб бо ноҳияи Ҳамадонӣ ҳамсарҳад мебошад. Масоҳати умумии ноҳияи Восеъ 766 километри мураббаъ буда, маркази маъмурии он шаҳраки Восеъ мебошад. Сохтори маъмурии ноҳия аз 1 ҷамоати шаҳрак ва 7 ҷамоати деҳот иборат аст.

***Ҷадвали 1. Сохтори маъмурии ноҳия аз рӯи шумораи хоҷагиҳо ва аҳолӣ ба 31.12.2015***

| № | Номгӯи ҷамоати шаҳрак ва деҳот | Хоҷагӣ | Аҳолӣ |
|---|---|---|---|
| | Шаҳраки Восеъ | 3258 | 23191 |
| | М.Маҳмадалиев | 3382 | 33334 |
| | Гулистон | 2901 | 25294 |
| | А.Авазов | 2269 | 20005 |
| | М.Вайсов | 3363 | 31947 |
| | А.Рӯдакӣ | 1014 | 10003 |
| | Х.Раҷабов | 3251 | 25611 |
| | Тугарак | 3214 | 31118 |
| | Ҳамагӣ дар ноҳия: | **22652** | **200503** |

## *1.2. Маълумоти фарҳангӣ ва таърихӣ*

Восеъ кишвари куҳанбунёд буда таърихи бой дорад. Дар ноҳия 18 мавзеъҳои таърихӣ ва осорҳои меъморӣ-таърихӣ мавҷуд аст. Чанде аз инҳо: маҷмааи таърихии Ҳулбук, Манзартеппа, Қайнар, мавзеи Ғелот, мавзеи Эмомалӣ ва Авғондилӣ

Дар аксар мавзеъҳои таърихӣ кофтуков ва тадқиқотҳои ҳафриётшиносӣ ва бостоншиносӣ идома дорад, вале ҳоло ҳам онҳо пурра таърихи аслии ин ёдгориҳоро аён насохтаанд.

### *1.3. Шароитҳои табиӣ ва иқлим*

Релефи ноҳия ноҳамвор буда, қисми шимолиашро нишебиҳои қаторкуҳи Вахш, шимолу шарқашро нишебиҳои қаторкуҳи Ҳазрати Шоҳ, ғарбиашро нишебиҳои кӯҳи Ҷилонтоғ ва қисми ҷанубиашро ҳамвории водии дарёҳои Сурхоб ва Ёхсу ишғол кардаанд. Нуқтаи баландтаринаш аз сатҳи баҳр 4088 метр, пасттаринаш 450 метр мебошад.

Иқлими ноҳияи Восеъ, новобаста аз он, ки дар қисми ҷанубии ҷумҳурӣ ҷойгир шудааст, гуногун аст. Дар ин ҷо ҳам барфу яхбандӣ ва ҳам иқлими субтропикии хушк дида мешавад. Сатҳи боришоти миёнаи солона то 300-400 миллиметрро ташкил менамояд. Дар фасли зимистон ҳарорати хунуктарини ҳаво аз -8°С то -12°С дараҷа паст фаромада, ҳарорати гармтарин дар фасли тобистон ба ҳисоби миёна аз +30°С то +40°С мерасад.

Ноҳия дорои захираҳои бойи об мебошад. Ноҳияи Восеъро дарёҳои Ёхсу ва Сурхоб аз тарафи ҷанубу ғарб ва ғарбу шимол чун миёнбанд иҳота кардаанд. Инчунин "Кӯлоб-дарё" манбаи обтаъминкунӣ истифода мешавад.

***1.4. Вазъи демографӣ.*** Шумораи умумии аҳолии ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2015 (бо назардошти муҳоҷирони меҳнатӣ) 200503 нафарро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 49,6 фоизро мардҳо (99449 нафар) ва 50,4 фоизро занҳо (101054 нафар) ташкил медиҳанд. Ноҳия аз рӯи хусусияташ аграрӣ буда, 88,4 фоизи аҳолӣ дар деҳот истиқомат менамоянд.

***Ҷадвали 2. Маълумотҳои демографии ноҳияи Восеъ***

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳид и ченак | Шумораи умумии аҳолии ноҳияи Восеъ | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 |
| 1 | Хоҷагии хонавода | адад | 21935 | 22300 | 22652 |
| 2 | Аҳолии доимӣ | нафар | 191000 | 195930 | 200503 |
| - | Аз ҷумла, мард | нафар | 94736 | 97181 | 99449 |
| - | Зан | нафар | 96264 | 98749 | 101054 |
| 3 | Кӯдакони то синни 14 сола | нафар | 72084 | 73838 | 81571 |
| 4 | Аҳолии қобили меҳнат | нафар | 104400 | 107200 | 108328 |
| - | Аз ҷумла: Муҳоҷирони меҳнатӣ (маълумоти сатҳи ҷамоатҳо) | нафар | 9160 | 10424 | 7258 |
| 6 | Гурӯҳи калонсолон (63 (занон-57сола) ва боло) | нафар | 14516 | 14892 | 10604 |
| 7 | Бекорони расмӣ ба қайд гирифташуда | нафар | 804 | 851 | 555 |
| 8 | Аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда | нафар | 60804 | 63200 | 63606 |
| 9 | Шумораи миёнаи машғулини дар руйхат буда | нафар | 12100 | 14202 | 17121 |

Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 58,7 фоиз ба кор машғул буда, 6,7 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд. Суръати афзоиши солонаи аҳолӣ ба ҳисоби миёна 2,4 фоиз мебошад. Дар сурати давом ёфтани чунин ҳолат дар соли 2020 эҳтимолияти зиёдшавии теъдоди бекорон ба вуҷуд омада, он яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳалталаби ноҳия хоҳад гардид. Барои ҳаллу фасли саривақтии ин масъала ва бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани бекорон дар доираи Барномаи рушди ноҳия дар давоми солҳои 2016-2020 ба кор андохтани иқтидорҳои маҳаллӣ дар заминаи бунёди коргоҳҳои истихроҷ ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ пешбинӣ мегардад, ки ин ба коҳиши сатҳи бекорӣ метавонад мусоидат намояд. Мақсади асосӣ дар ин самт тавассути ба кор даровардани иқтидорҳои мавҷуда таъсис додани ҷойҳои нави корӣ дар солҳои минбаъда мебошад.

*Диаграммаи 1. Сохтори этникии ноҳияи Восеъ*




Дар сохтори этникӣ ҳиссаи бештари аҳолии ноҳияро тоҷикон ташкил медиҳанд, ки шумораи умумии онҳо ба 176042 нафар баробар аст.

***Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои асосии демографӣ***

| Солҳо | Таваллуд | Шумораи вафот | Теъдоди ақди никоҳ | Талоқ | Афзоиши табиии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2013 | 4765 | 787 | 2889 | 92 | 3978 |
| 2014 | 5454 | 831 | 2654 | 125 | 4623 |
| 2015 | 5826 | 854 | 1872 | 106 | 4972 |

Мувофиқи таҳлилҳо афзоиши миёнаи табии аҳолӣ дар соли 2015 нисбат ба соли 2014-ум 7,5 фоизро ташкил намуд.

***1.5.Тамоюлҳои асосии иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Восеъ***

Иқтисодиёти ноҳия гуногунсоҳавӣ буда, дар он нақши кишоварзӣ ва саноат назаррас мебошад. Аҳолии ноҳияи Восеъ асосан ба чорводорӣ ва зироаткорӣ машғуланд. Ноҳия дар тақсимоти меҳнати вилоят ҳамчун истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Ҳиссаи он дар маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти умумии вилоят 5,9%-ро ташкил менамояд, аз ҷумла соҳаи чорводорӣ 6,1%, растанипарварӣ 6,5%. Бо намуди маҳсулотҳо бошад картошка 4,2%, сабзавот 6,3%, шир 8%, гӯшт 3,6%, пашм 4,9%, меваҷот 3,7% ва асал 3,5% ташкил медиҳад.

Барои рушди соҳаҳои мазкур як қатор омилҳои боздоранда мавҷуданд, аз ҷумла: бад будани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, норасоии тухмиҳои хушсифат, нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо, куҳнаву фарсуда гаштани техникаи кишоварзӣ, паст будани маданияти хоҷагидорӣ, нарасидани мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ва кофӣ набудани маълумот оиди роҳбарии хоҷагидорӣ, риоя нашудани мӯҳлати кишту кори зироатҳои кишоварзӣ, истифодабарии ғайри самараноки заминҳо, ба талабот ҷавобгӯ набудани сифати истеҳсолии маҳсулоти меваю сабзавот, аз байни рафтани фермаҳои махсуси чорвои калон, набудани такрористеҳсолкунӣ, ташкили базаи дурусти хӯроки чорво, паст будани маҳсулнокии соҳаи чорво, набудани чорвои калони шохдор ва майдаи хушзот.

***1.6. Биниши ноҳияи Восеъ***

*Ноҳияи Восеъ дорои бузургтарин кони намак дар сайёра, маркази рушдёфтаи иноватсионии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти саноатию кишоварзӣ, дорои инфрасохтори муосири иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию фароғатӣ, шароити хуби экологӣ, бозори калонтарини минтақавӣ, шароитҳои мусоиди сармоягузорӣ ва тиҷорат буда, дар ҳудуди он некӯаҳволии мардум таъмин гардида шароити шоистаи кору фаъолият фароҳам оварда мешавад.*

***Ҷадвали №4. SWOT-таҳлили ноҳия***

| ***Тарафҳои қавӣ*** | ***Тарафҳои заиф*** |
|---|---|
| • *Мавҷуд будани заминҳои ҳосилхез*<br>*Иқлими муътадил барои парвариши зироатҳои галладонагӣ, богдорӣ, сабзавот, полезиҳо, чорводорӣ, моҳипарварӣ ва занбурпарварӣ*<br>• *Мавҷудияти захираҳои табиӣ*<br>• *Роҳбарияти кордон*<br>• *Мардуми меҳмоннавоз*<br>• *Дорои таърихи куҳан*<br>• *Мавҷудияти чарогоҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявидошта*<br>• *Мавҷуд будани мутахассисони варзида*<br>• *Мавҷуд будани ёдгориҳои таърихӣ.*<br>• *Мавҷудияти инфрасохтори иҷтимоӣ (муассисаҳои тиббӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ ва фарҳангу варзишӣ)*<br>• *Гузаштани роҳи байналмилалӣ аз ҳудуди ноҳия* | • *Нокифоя будани ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва саноат.*<br>• *Дар мавсим таъмин набудан бо оби полезӣ.*<br>• *Набудани корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ*<br>• *Норасогии шумораи зарурии мутахассисони баландихтисос*<br>• *Ҳолати гайриқаноъатбахши солимии модарон*<br>• *Сатҳи баланди бекорӣ*<br>• *Паст будани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии хушсифати муассисаҳои томактабӣ, махсусан дар деҳот, дар масофаи дур аз маҳалли зист воқеъ будани мактабҳои ибтидоӣ.*<br>• *Суст будани базаи моддӣ - техникии корхонаҳои саноатӣ*<br>• *Ба талаботи замонавӣ ҷавобгӯ набудани ҳолати бештари муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва иҷтимоӣ*<br>• *Норасогии техникаи муосир дар соҳаҳои хоҷагии халқ,*<br>• *Мавҷуд набудани гармхонаҳо ва сардхонаҳо.*<br>• *Дар ҳолати фарсуда қарор доштани хатҳои интиқоли барқ ва қубурҳои обтаъминкунӣ.*<br>• *Норасогӣ ва сифати пасти оби нӯшокӣ, таъмин набудани қисми зиёди аҳолии деҳот бо оби тозаи безараргардонидашудаи нӯшокӣ*<br>• *Набудани шабака ва хатҳои корезӣ ва гармидиҳӣ*<br>• *Дотатсионӣ будани буҷети маҳаллӣ*<br>• *Норасоии марказҳои омӯзишӣ ва иттилоотӣ оиди дастгирии соҳибкории хурду миёна.*<br>• *Набудани захираҳои кофӣ барои ҳифзи муҳити зист*<br>• *Риоя нашудани қоидаҳои агротехникӣ дар парвариш ва коркарди маҳсулотҳои растанипарварӣ* |
| ***Имкониятҳо*** | ***Таҳдидҳо*** |
| • *Аз худ намудани заминҳо дар доираи барномаҳои давлатии амалкунанда.*<br>• *Сохта ба истифода додани хатҳои нави таъминоти оби нӯшокӣ.*<br>• *Паст кардани сатҳи обҳои serизаминӣ, ба воситаи тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо.*<br>• *Ҷалб намудани сармояи хориҷӣ.*<br>• *Ворид намудани технологияи муосир.*<br>• *Истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва воридотивазкунанда.*<br>• *Ташкил намудани марказҳои муосири лизинг ва логистикӣ.*<br>• *Ҷорӣ намудани менеҷменти молиявию истеҳсолӣ.*<br>• *Бунёд намудани паркҳои технологӣ* | • *Офатҳои табиӣ.*<br>• *Сатҳи баланди таваррум*<br>• *Баланд шудани сатҳи оби дарёҳои Ёхсу, Сурхоб ва Кӯлобдарё, ки боиси обхезӣ шуда метавонад.*<br>• *Пайдоиши ҳашаротҳои зараррасон ва малах.*<br>• *Касалиҳои сирояткунанда, сил ва г.* |

## БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

### 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

***2.1.1. Нақши кишоварзӣ дар иқтисодиёти маҳаллӣ.*** Ноҳияи Восеъ аграрӣ ба шумор рафта, ҳиссаи кишоварзӣ дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии ноҳия 62%-ро ташкил менамояд. Иловатан, соҳаи кишоварзӣ 65% аҳолии қобили меҳнатро бо ҷойҳои кории мавсимиву доимӣ таъмин менамояд. Мувофиқи маълумотҳои расмӣ дар ноҳия соли 2015 ҳамагӣ 2535 адад хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва 238 адад кооперативҳои истеҳсолӣ ба қайд гирифта шудааст.

*Диаграммаи 2. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ.(ҳаз.сом)*




Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2014 нисбат ба соли 2013-ум 15% коҳиш ёфта, дар соли 2015 бошад, нисбат ба соли 2014-ум 8,9 миллион сомонӣ зиёд гардидааст. Сабаби асосии ин, дар соли 2014 ошкор гардидани изофанависии майдонҳои кишти пахта дар ҳаҷми 1975 га мебошад, ки он сабабгори асосии иҷро нагардидани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ гардид. Аз тарафи дигар тамоюли паст рафтани арзиши нахи пахта дар бозори ҷаҳонӣ дар солҳои 2012 мебошад, ки вобаста ба ин, бештари хоҷагиҳо маҷбур шуданд, ки майдонҳои кишти пахтаро маҳдуд намоянд. Воқеан, вобастагии соҳаи растанипарварӣ аз моно-зироаткорӣ (монокультура), суст будани раванди диверсификатсиякунонии он, ба талабот ҷавобгӯ набудани раванди интенсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ба талаботҳои муосири бозорӣ мутобиқ нашудани он, сабаби талафоти зиёди иқтисодӣ шуда истодааст.

***2.1.2. Истифодабарии замин.*** Майдони умумии заминҳои ноҳия 76592 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 73% (55919 га) заминҳои кишоварзӣ аз ҷумла 23171 га (14060 га обӣ) заминҳои корам, 1303 га (1068 га обӣ) боғот, 529 га (429 га обӣ) токзор, 55 га (52 га обӣ) тутзор, 21 га (13 га обӣ) ситрусӣ, 47 га (47 га обӣ) ниҳолпарваришгоҳ, 360 га (254 га обӣ) заминҳои партов ва 30433 га чарогоҳҳо мебошанд.

*Диаграммаи 3. Категорияҳои заминҳои кишоварзии н. Восеъ дар соли 2015*



Майдони умумии заминҳои истифодабарии корхонаҳои кишоварзӣ 64671 гектарро (18983га обӣ) ташкил медиҳад, ки аз он 79,1% 51155 га (15824 га обӣ) заминҳои кишоварзӣ аз ҷумла 22724 га (13975 га обӣ) заминҳои корам, 1156 га (1063 га обӣ) боғот, 521 га (429 га обӣ) токзор, 55 га (52 га обӣ) тутзор, 21 га (13 га обӣ) ситрусӣ, 45 га (45 га обӣ) ниҳолпарваришгоҳ, 366 га (247 га обӣ) заминҳои партов ва 26267 га чарогоҳҳо мебошанд.

Дар ноҳия заминҳои хоҷагии ёрирасони шахсӣ 1026 га-ро ташкил медиҳад (заминҳои Президентӣ). Заминҳои мазкур асосан аз ҷониби аҳолӣ барои кишти сабзавот, картошка ва ғалладонагиҳо истифода шуда, дар таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ саҳми арзанда дорад.

Дигар заминҳои кишт асосан барои пахтакорӣ, ғаллакорӣ, сабзавоткорӣ, полезиҳо, картошкапарварӣ, хӯроки чорво, боғдорӣ ва токпарварӣ истифода мешавад.

Соҳаи кишоварзии ноҳия аз бахшҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ иборат мебошад, ки ҳиссаи онҳо дар ташакули ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ мутаносибан ба 72% ва 28% баробар мебошад.

***2.1.3. Растанипарварӣ.*** Аз рӯи маълумотҳои омории соли 2015 майдони кишти ғалладонагиҳо ва зироатҳои техникӣ дар сохтори кишти зироатҳо нақши асосиро мебозад.

***Диаграммаи 4. Кишти зироатҳо (гектар)***




Майдони заминҳои кишти ноҳияи Восеъ дар соли 2015 нисбат ба соли 2013 ба 5124 га коҳиш ёфтаанд, ки он бинобар сабаби истифода нашудани заминҳои лалмие, ки аз ҷониби аҳолӣ посиракорӣ мешуданд, ба вуҷуд омадааст. Бештари аҳолӣ аз кишти чунин заминҳо даст кашиданд, ки он ба кам шудани майдони умумии заминҳои кишт сабаб шудааст.

***Пахтакорӣ.*** Пахтакорӣ яке аз самтҳои асосии соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад, аммо солҳои охир дар ноҳияи Восеъ майдони кишти пахта ва истеҳсоли он бо сабаби коҳиш ёфтани даромаднокии он кам шудааст. Сабаби асосии камшавии майдонҳои кишти пахта ва истеҳсоли он, воқеан аз омилҳои берунаи таъсиррасон, аз ҷумла: ноустувории нарх дар бозорҳои ҷаҳонӣ, баланд шудани арзиши воситаҳои истеҳсолӣ, нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо, маводҳои сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва техникаи кишоварзӣ алоқаманд мебошад. Аз тарафи дигар бад будани ҳолати мелиоративии заминҳо, таъминоти оби полезӣ, тоза нашудани заҳбуру

заҳкашҳо ва каналҳои дохилихоҷагӣ, паст будани фарҳанги кишоварзӣ оид ба истифодабарии замин, истифода нашудани агротехнологияҳои муосир ба ҳосилнокии соҳаи пахтакорӣ ва дар маҷмуъ ба рушди соҳаи кишоварзӣ таъсири манфӣ расонидааст.

Бояд қайд намуд, ки 75%-и заминҳои кишти пахта ва дигар зироатҳои ноҳия тавассути агрегатҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд. Дар мавсими обёрӣ бинобар сабаби кӯҳнаву фарсуда будан ва зуд зуд аз кор баромадани аксарияти пойгоҳҳои обкашӣ ва иншоотҳои ирригатсионӣ, таъминоти оби полезӣ мувақатан қатъ мегардад, ки он боиси пастшавии ҳосилнокии зироатҳо ва коҳиш ёфтани даромаднокии хоҷагиҳои деҳқонӣ гардидааст.

Дар ноҳия ба ҳисоби миёна аз як гектар замин аз 15 то 25 сентнер пахта истеҳсол мешавад, ки ин нишондод то солҳои 1990 ба ҳисоби миёна 40-45 сентнерро ташкил медод. Мувофиқи ақидаи коршиносон гирифтани ҳосили пахта то 25 сентнер аз як гектар, танҳо хараҷотҳои истеҳсолии хоҷагиҳои деҳқониро мепӯшонаду халос. Самаранокии истеҳсолоти соҳаи пахтакорӣ аз низоми дурусти таъминоти тухмиҳои хушсифат ва риоя намудани агротехникаи парвариши он иборат мебошад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ маводҳои тухмиро асосан аз ҳисоби хоҷагиҳои тухмипарварии ш. Кӯлоб ва ноҳияҳои минтақаи Қурғонтеппа мегиранд.

Сифати тухмиҳои пешниҳодшаванда ба талабот ҷавобгӯ набуда, яке аз сабабҳои паст будани ҳосилнокии пахта шуда истодааст. Намуди тухмиҳои ба шароити ноҳия мутобиқ буда ва ташкили механизми идоракунии таъминоти онҳо дар оянда метавонад ба ҳаҷми истеҳсоли пахта ва дар маҷмӯъ ба афзоиши самараноки фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсири мусбӣ расонад.

Бинобар коста будани таъминоти моддиву техникӣ, ҳолати номусоиди ирригатсиониву мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои тухмипарварии ноҳия наметавонанд истеҳсоли навъҳои серҳосили пахтаро ба роҳ монда, хоҷагиҳои ноҳияро бо маводҳои тухмиҳои хушсифати худӣ таъмин намоянд.

***Ғалладонагиҳо.*** Ғаллапарварӣ яке аз самтҳои муҳими кишоварзии ноҳия ба шумор рафта, дар таъмини амнияти озуқаворecho аҳолӣ нақши муҳимеро мебозад. Асосан хоҷагиҳои деҳқонӣ ба парвариши гандум, ҷуворимакка, ҷав, зағер ва дигар ғалладонагиҳо машғул мебошанд. Воқеан, коҳишёбии даромаднокии соҳа, паст будани ҳосилнокии зироатҳо бинобар хушксолӣ дар заминҳои лалмӣ, бад будани ҳолати мелиоративию ирригатсионии заминҳои кишт, риоя нашудани меъёрҳои киштгардон, эрозия ва деградатсияи замин, фарсуда шудани маҳдудияти таъминоти моддиву техникии хоҷагиҳои деҳқонӣ, гаронии арзиши воситаҳои истеҳсолӣ ба кам шудани майдонҳои ғаллакорӣ ва дар соли 2015 нисбати соли 2013-ум ба 16,7% коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли он сабаб шудааст.

Дар ноҳияи Восеъ имкониятҳои хуби парвариши сабзавот, картошка, меваҷот ва ангур мавҷуд мебошад. Зеро иқлими ноҳия барои парвариши зироатҳои зикршуда мусоид буда, захираҳои фаровон мавҷуд мебошад. Барои пешрафти соҳаҳои мазкур паст будани таъминоти моддиву техникии хоҷагиҳои деҳқонӣ, набудани усулҳои нави агротехникӣ, норасоии тухмиҳои хушсифат, паст будани маърифати заминдории хоҷагиҳо доир ба истифодабарии самараноки замин, сохтмони гармхонаҳо ва сардхонаҳо, технологияи инноватсионии интенсивии кишоварзӣ, усулҳои нави ирригатсионӣ ва мелиоративӣ, паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба маркетинг ва занҷираи арзиши иловашуда ва коркарди меваву сабзавот, ҳолати номусоиди мелиоративии заминҳо (шӯршавӣ, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, эрозияи замин) ва набудани қарзҳои имтиёзнок таъсири манфӣ мерасонад.

Дар соли 2015 деҳқонони ноҳия дар майдони 5328 га кишти такрорӣ гузарониданд. Тибқи маълумотҳои оморӣ ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар иҷрои ин

намуди фаъолият 49,2%, хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 1,2% ва аҳолӣ 49,6%-ро ташкил дод. Аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавӣ дар майдони 2683 га, аҳолӣ бошад дар майдони 2645 га кишти такрорӣ гузарониданд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2013-ум 39 га зиёд мебошад.

Мушкилиҳои асосии соҳаи мазкур аз омилҳои зерин иборат мебошанд:

- ✓ Паст будани ҳосилнокии зироатҳо;
- ✓ Паст будани сифати тухмӣ;
- ✓ Фарсуда будани техникаи кишоварзӣ;
- ✓ Баланд будани арзиши сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо;
- ✓ Набудани маркази мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараррасон;
- ✓ Бад будан ҳолати мелиоративии заминҳо;
- ✓ Баланд будани фоизи қарзҳо ва дастрас набудани қарзҳои имтиёзнок;
- ✓ Риоя нашудани механизми киштгардони заминҳо;
- ✓ Баланд будани сатҳи обҳои зеризаминӣ.

***2.1.4. Чорводорӣ.*** Чорводорӣ яке аз бахшҳои асосии соҳаи кишоварзии ноҳияи Восеъ ба шумор рафта, ҳиссаи он дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 28%-ро ташкил менамояд. Таҳлилҳо собит месозанд, ки 94,5% истеҳсоли гӯшт, 96,5% истеҳсоли шир, 99,2% истеҳсоли тухм, 77,2 % истеҳсоли пашм ва 49,2% истеҳсоли асал ба хоҷагиҳои аҳолии ноҳия рост меояд. Ба истеҳсоли пилла асосан хоҷагиҳои деҳқонӣ машғул мебошанд. Тайи солҳои охир истеҳсоли пилла тадриҷан коҳиш ёфта истодааст, ки ин ба паст рафтани арзиши он дар бозорҳои ҷаҳонӣ марбут мебошад.

***Ҷадвали № 5. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ноҳияи Восеъ дар солҳои 2012-2015***

| *Номгӯи маҳсулот* | *Воҳиди ченак* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
|---|---|---|---|---|---|
| *Гӯшт (бо вазни зинда)* | *тн* | *2997,4* | *3218* | *3507,8* | *4029,3* |
| *Шир* | *тн* | *32565* | *35115* | *36939,5* | *38078,9* |
| *Тухм* | *ҳаз. дона* | *2635* | *2846,6* | *3001,2* | *3103,7* |
| *Пашм* | *тн* | *243,1* | *248,8* | *261* | *275,6* |
| *Асал* | *тн* | *18,4* | *21,8* | *35,1* | *35,6* |
| *Пилла* | *тн* | *38,4* | *40* | *3,7* | *10,1* |

Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ дар ноҳия соли 2015 - 45309 сар чорвои калон, 93710 сар бузу гӯсфанд, 67018 сар парранда ва 1898 сар асп парвариш ва нигоҳубин меёбад, ки аз ин 89,6% чорвои калон, 74% чорвои хурд, 95,6% парранда ва 71,7% асп ба хоҷагиҳои аҳолӣ тааллуқ доранд.

***Ҷадвали №6. Саршумори чорво дар ноҳия Восеъ дар солҳои 2011-2015 (сар)***

| *Нишондод* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
|---|---|---|---|---|---|
| *Чорвои калон* | *44915* | *43777* | *43799* | *44199* | *45309* |
| *Бузу гӯсфанд* | *88540* | *92691* | *92786* | *93475* | *93710* |
| *Парранда* | *62521* | *65864* | *66484* | *66485* | *67018* |
| *Асп* | *2179* | *1889* | *1893* | *1895* | *1898* |

Дар соли 2014 мувофиқи маълумотҳои оморӣ, саршумори чорвои калони шохдор нисбати соли 2013-ум 400 сар зиёд ва нисбати ҳамин давраи соли 2011 - 716 сар кам шудааст, ки сабаби он аз як тараф камбудиҳои бақайдгирии саршумори чорвои аҳолӣ бошад, аз тарафи дигар нишондиҳандаҳои барзиёд нишондодашудаи оморӣ мебошад, ки дар солҳои қаблӣ ҷой доштанд. Аммо дар соли 2015 саршумори чорвои калони шохдор нисбати соли 2014-ум 1110 сар зиёд ва нисбати ҳамин давраи соли 2011-ум 394 сар зиёд шудааст.

*Диаграммаи 5. Саршумори чорвои калони шохдор дар солҳои 2011-2015.*




Зиёд шудани саршумори чорвои калони шохдор аз самаранок рушд ёфтани соҳаи чорводорӣ, низоми дуруст ба роҳ монда шудаи таъминоти хӯроки чорво ва муоличаи бемориҳои ҳайвонот вобастагии калон дорад.

Ноҳияи Восеъ барои парвариши моли майда шароити хубро дорост, зеро ки дар ҳудуди ноҳия 30438 га чарогоҳҳои баҳорию тирамоҳӣ мавҷуд мебошанд, ки онҳо на танҳо аҳамияти ноҳиявӣ, балки аҳамияти минтақавӣ низ доранд. Аммо, тайи солҳои охир ғайримақсаднок истифода шудани заминҳои чорвогузар барои чорводорон мушкилиҳои зиёдеро ба миён оварда истодааст. Чарогоҳҳо беназорат монда, сол то сол ҳаҷми захираҳои хӯроки чорвои майда коҳиш ёфта, дар онҳо норасоии шароит барои обхӯрии чорво садди рушди соҳаи мазкур мешавад.

Яке аз мушкилиҳои асосии соҳа, аз байн рафтани фермаҳои махсуси чорвои калон, набудани такрористеҳсол, ташкили базаи хӯроки чорво, паст будани маҳсулнокии соҳаи чорводорӣ, набудани чорвои калони шохдори хушзот ба ҳисоб меравад. Барои пешгирии касалиҳои чорво аз ҷониби стансияи мубориза алайҳи бемориҳои ҳайвоноти ноҳияи Восеъ мунтазам чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва бартарафсозии касалиҳои сироятӣ андешида мешаванд. Дар баробари гузаронидани чорабиниҳои пешгирӣ инчунин корҳои санитарию байторӣ, назорат аз рӯи ҳолати санитарию байтории маҳсулоти чорво ва парранда дар бозорҳои шаҳр ва деҳот гузаронида мешаванд.

Дар байни бемориҳои чорво бештар бемориҳои буғумдард, оқсил, вабои сумдард ва зардпарвин вомехӯранд. Дар ноҳия айни замон дар ноҳия 5 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ, 5 адад клиника ва дорухонаи байтории шахсӣ, мавҷуд мебошад. Зиёд намудани шумораи клиникаҳои байторӣ ва дорухонаҳои байторӣ, ба ақидаи мутахассисон, дар ҳудуди ноҳия барои рушди соҳа хело муҳим мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни замон ташкили ҷойҳои махсуси забҳи чорво, ҷойи махсуси гуронидан ва нест кардани чорвои фавтида (чоҳҳои Беккер[1]) дар ноҳия вуҷуд надорад. Илова бар ин, норасогии маводи дорувории байторӣ, таҷҳизоти лозима ва нақлиётҳои махсус, яке аз мушкилиҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Бинои стансияи мубориза алайҳи бемориҳои ҳайвоноти ноҳияи Восеъ дар ҳолати садамавӣ ва корношоям қарор дорад. Барои ҳалли масъалаи мазкур таъмин намудани стансия ба таҷҳизот ва техникаҳои сайёри безараргардонӣ ва профилактикӣ (ДУК) ба мақсад мувофиқ мебошад.

Маҳсулоти соҳаи чорводорӣ пурра ва самаранок истифода бурда намешавад, зеро дар шаҳраку деҳот ягон коргоҳ ва ё корхонаи коркарди пашму пӯст ва гӯшту шир амал намекунад.

1. Чоҳи гуронидани чорвои ҳаром забҳшуда

*Мушкилиҳои асосии соҳаи чорводориро ба таври зайл шарҳ додан мумкин аст*:

- ✓ норасогии таъмини хӯроки чорво,
- ✓ паст будани маҳсулнокии чорвои мавҷуда,
- ✓ набудани чорвои хушзот дар хоҷагиҳо,
- ✓ кам будани ҷои махсус барои забҳи чорвои фавтида,
- ✓ набудани ташхисгоҳи байторӣ, махсусан набудани ташхисгоҳҳои сайёр (автолабаратория),
- ✓ дар ҳолати таъмирталаб қарор доштани бинои стансияи муборизаи алайҳи бемориҳои ҳайвоноти ноҳия,
- ✓ пурра ва нокифоя фаъолият намудани хоҷагиҳои махсуси зотпарварӣ, набудани фермаҳои хурду миёнаи чорвопарварӣ дар назди хоҷагиҳои кишоварзӣ, набудани нуқтаҳои қабул ва коркарди пӯсту пашм.

**Моҳипарварӣ.** Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 «Дар бораи тасдиқи барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» дар давоми солҳои 2010-2014 дар ҳудуди ноҳия 7 хоҷагии моҳипарварӣ таъсис шуд, ки то 1 январи соли 2016 ба андозаи 66,9 тонна моҳӣ истеҳсол намуданд. Дар мавриди ҳозира хоҷагиҳои мазкур ба таъмини хӯрокҳои серғизо, комбикормҳо ва ба моҳичаҳои молии хушсифат ниёз доранд.

***2.1.5. Обёрии заминҳо ва ҳолати мелиоративӣ*****.** Яке аз мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳаи кишоварзӣ, ин ҳолати ғайриқаноъатбахши обёрии заминҳои кишоварзӣ ва беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии онҳо буда, он ба рушди иқтисодиёти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад. Дар соли 2015 майдони умумии заминҳои обёришавандаи кишоварзии ноҳия 19112 га-ро ташкил дод, аз ҷумла заминҳои корами обӣ 14015 га. Дарозии умумии шабакаҳои обёрикунии байнихоҷагии ноҳия 113 км ва дохилихоҷагӣ бошад 413 км-ро ташкил медиҳад. Оби полезӣ асосан аз ҳисоби дарёҳои Панҷ, Сурхоб, Ёхсу ва канали "Ҳукумат" тавассути шабакаи иншоотҳои обтақсимкунӣ таъмин карда мешавад. Дар баробари ин аз чоҳҳои амудии истифодабарии обҳои зеризаминӣ тариқи иншоотҳои обтаъминкунии Раёсати истифодабарии стансияҳои насосии минтақаи Кӯлоб (РИСНМК), ки ба идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Восеъ (ИДБЗОВ) марбут аст, оби полезӣ дастрас карда мешавад. Аз майдони умумии заминҳои обёришаванда 7100 га тавассути иншоотҳои обкашии РИСНМК ***(ниг. ҷадвали №7)*** ва 1050 га ба воситаи насосҳои дохилии хоҷагӣ ***(ниг. ҷадвали №8)*** таъмин шуда, боқимондаи онҳо бо тарзи худҷорӣ обёрӣ мешаванд. Ҳангоми бо иқтидори пурра истифода намудани иншоотҳои обтаъминкунӣ, РИСНМК метавонад майдони заминҳои обёришавандаро то 12839 га расонад.

*Ҷадвали №7. Иншоотҳои обтаъминкунии н.Восеъ тавассути пойгоҳҳои обкаши РИСНМК дар соли 2015*

| № т/т | Номгуи иншоотҳо, пойгоҳҳои обкашӣ | Манбаи обтаъмин-кунӣ | Соли истифода-барӣ | Миқдор и замин-ҳои обӣ (га) | Шумораи дастгоҳҳо (адад) | Иқтидор (кВт) | Хати қубурҳо | Қутр (диаметр) мм | Дарози и қубурҳо м |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 1 | Ленин №1 | Панҷ | 1985 | 1210 | 7 | 13 | 17 | 18 | 19 |
| | | | | | 2 | 630 | 2 | 1200 | 270 |
| 2 | Ленин №2 | | 1987 | 967 | 4 | 1600 | 1 | 830 | |
| | | | | | 3 | 1600 | 1 | 1200 | 600 |
| | | | | | 3 | 205 | 1 | 720 | 400 |
| 3 | Ленин №6 | Селбур | 1985 | 472 | 1 | 630 | | | |
| | | | | | 3 | 250 | 2 | 630 | 1300 |
| 4 | Ленин №7 | Кзил-Су | 1972 | 150 | | | | | |
| | | | | | 2 | 125 | 1 | 426 | 267 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Ленин №8 | Кзил-Су | 1977 | 205 | | 110 | | | |
| | | | | | 2 | 250 | 2 | 530 | 300 |
| | | | | | 2 | 630 | | | |
| 6 | Гулистон | Панҷ | 1984 | 40 | | | | | |
| | | | | | 1 | 132 | 1 | 720 | 1200 |
| 7 | Ҷануби-1 | Панҷ | 1975 | 1520 | 1 | 160 | | | |
| | | | | | 3 | 55 | 3 | 630 | 955 |
| | | | | | 1 | 160 | 2 | 720 | 160 |
| | | | | | 1 | 100 | 1 | 720 | 160 |
| | | | | | 1 | 132 | 1 | 720 | 160 |
| 8 | Ҷануби -2 | | 1988 | 400 | | | | | |
| | | | | | 5 | 200 | 5 | 1000 | 110 |
| 9 | Перекачка | Ҷануби | 1979 | 725 | | | | | 8 |
| | | Панҷ | | | 1 | 30 | 2 | 530 | 30 |
| 10 | Кадучӣ | Кзил-Су | 1966 | 630 | 1 | 160 | 1 | 50 | 350 |
| 11 | Москва №1 | Панҷ | 1988 | 180 | 2 | 110 | 1 | 630 | 2500 |
| 12 | Москва №2 | | 1990 | 178 | 3 | 160 | 1 | 720 | 1500 |
| 13 | Дашти-Дили | Ях-Су | 1974 | 55 | 3 | 630 | 1 | 1000 | 400 |
| | | | | | 2 | 160 | 2 | 630 | |
| 14 | Восеъ-1 | Ях-Су | 1982 | 266 | 2 | 250 | | | 2 |
| 15 | Киров | Ях-Су | 1987 | 185 | 1 | 110 | 1 | 630 | 4 |
| | | | | | 1 | 160 | 1 | 530 | |
| 16 | Танобчӣ | Ях-Су | 1990 | 106 | 1 | 30 | 1 | | 860 |
| 17 | Гулдара | Кзил-Су | 1984 | 90 | 3 | 132 | 1 | 426 | 600 |
| | | | | | 3 | 132 | | 219 | |
| 18 | Чуқурак | Кзил-Су | 1983 | 375 | 1 | 132 | 2 | 630 | 500 |
| | | | | | 1 | 500 | | | |
| 19 | Селбур | Водохранилиш | 1985 | 1573 | 3 | 315 | | | |
| | | | | | 3 | 800 | 1 | 920 | 640 |
| | | | | | 3 | 500 | 1 | 830 | 500 |
| | | | | | 2 | 250 | | | |
| | | | | | 2 | 250 | 2 | 330 | 350 |
| | | | | | 1 | 160 | | | |
| 20 | Кулоб-дарё №0 | Панҷ | 1975 | 100 | 10 | 132 | | | |
| | | | | | | 110 | | | |
| | | | | | | 100 | 3 | 1020 | 180 |
| | | | | | | 55 | | | |
| 21 | Кулоб дарё №0 а | | 1979 | 70 | 2 | | 2 | 1220 | |
| | | | | | 1 | 320 | 3 | 1220 | 115 |
| 22 | Кулоб-дарё №1 | | 1978 | 3312 | 5 | 125 | | | |
| | | | | | 2 | 2000 | | | |
| | | | | | | 1600 | | | |
| | | | | | 1 | | 2 | 1200 | 3200 |
| | | | | | 1 | 1000 | | | 1710 |
| 23 | Бештигир-мони Боло | Панҷ | 1977 | 30 | 1 | 75 | 1 | 630 | |
| | | | | | 1 | 160 | | | |
| | | | | | 1 | 320 | | | |
| | Ҳамагӣ: | | | 12839 | 102 | | 47 | | 18961 |

Соҳаи обрасонии ноҳияи Восеъ дар шароити кунунӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад, ки ин пеш аз ҳама дар таҷдид гаштани хоҷагиҳо ва ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ (ХФ ва ХД) гузаштани онҳо марбут мебошад. Пас аз таҷдиди хоҷагиҳои коллективӣ ва таъсиси хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ механизми амиқи идоракунии иншоотҳои мелиоративии мазкур то ҳол ҳалли худро наёфтааст,

ки он садди роҳи рушди босуботи соҳаи кишоварзии ноҳия дар давоми 10-15 соли охир шуда истодааст. Зиёда аз 85% иншоотҳои мелиоративии ноҳия, бахусус заҳбуру заҳкашҳо ба тоза кардан эҳтиёҷ доранд ва ин ҳолат боиси пурра бо оби полезӣ таъмин нагардидани соҳаи кишоварзӣ гаштааст.

***Ҷадвали №8. Иншоотҳои обтаъминкунии тавассути пойгоҳҳо ва шабакаҳои обёрии Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Восеъ.***

| Номгӯи иншоотҳо | Шумораи иншоотҳои обтаъминкунӣ | Дарозии каналҳо | |
|---|---|---|---|
| | | км | Аз он, тоза кардашуда |
| Кафтархона | 4 | 22 | 5 |
| Танобчӣ | 8 | 17 | 7 |
| Ленинская | 6 | 21 | 10 |
| Южная | 6 | 9,4 | 9 |
| Кӯлоб дарё | 1 | 15,4 | 6 |
| Пушиён | 11 | 14,9 | 3 |

Дар ноҳияи Восеъ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли соҳаи растанипарварӣ ва идоракунии таъминоти оби полезӣ 7 Ассотсиатсияи истифодабарандагони об (АИО) таъсис шудааст, ки 12 894 га заминҳои кишоварзиро хизматрасонӣ менамоянд.

***Ҷадвали №9. Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони оби н. Восеъ***

| Номгӯи АИО | Майдони хизматрасонӣ дар хоҷагиҳои ноҳия (га) | |
|---|---|---|
| | Замини корам, ҳамагӣ | Аз ҷумла, обии шартномавӣ |
| «Селбург» ҷ/д М. Маҳмадалӣ | 2 670 | 1 779 |
| «Шодоб» ҷ/д Гулистон | 3 713 | 1 996 |
| «Манзар» ҷ/д А. Авазов | 3 311 | 2 060 |
| «Кадучӣ» ҷ/д М.Вайсов | 2 626 | 1 606 |
| «Муллониёз» ҷ/д Х. Раҷабов | 3 480 | 2 121 |
| «Хоҷақайнар» ҷ/д Рӯдакӣ | 2 120 | 1 365 |
| «Хоҷа-Мумин» ҷ/д Тугарак | 3 819 | 1 967 |
| ҷ/д М. Маҳмадалиев | 1 058 | 965 |
| Ҳамагӣ: | 22 797 | 13 859 |

Мушкилоти асосии таъминоти оби полезӣ:

- Кӯҳнаву фарсуда шудани насосҳои обкашӣ ва қубурҳои обгузар, ки дар мавсими обёрӣ тез-тез аз кор мемонанд;
- Ба таъмир ниёз доштани агрегатҳои (ҷузъҳои) насосҳо, муҳаррикҳо, чархҳои корӣ, ячейка, трансформаторҳо ва ҳамчунин таъмирталаб будани 15 км иншоотҳои ирригатсионии «Кӯлоб-дарё», 14,9 км канали «Пушиён», иншооти об ва обпартои ГК-25 канали «Танобчӣ», канали Р-7, канали Р-13, 13 км новаҳои бетонӣ, инчунин 15 адад иншоотҳои обтақсимкунӣ.
- Ба итмом нарасидани бунёди иншооти обтақсимкунӣ дар сарбанди канали Пойтуғи ҷ\д Тугарак[2].

[2]Дар солҳои 2012-2013 аз тарафи Вазорати захираҳои об ва мелиоратсияи ҶТ дар ин мавзеъ корҳои сохтмонӣ ба маблағи 250 ҳазор сомони ба анҷом расонида шуда, сохтмони иншооти мазкур нотамом мондааст. Арзиши умумии тавозунии ин иншоот 2 млн сомниро ташкил медиҳад.

- Мавҷудияти қарзҳои дебиторӣ ва кредитории ИДБЗОВ дар назди РИСНМК аз рӯи пардохти ҳаққи хизматрасонӣ ва қарзҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз пардохти ҳаққи хизмати таъминоти оби полезӣ дар назди ИДБЗОВ.
- Норасоии мутахассисон, гидромуҳандисон ва кормандони техникии соҳа.

***Ҷадвали №10. Сатҳи обҳои зеризамини н. Восеъ дар соли 2015***

| *Сатҳи обҳои зеризаминӣ* | *Майдон (га)* |
|---|---|
| *То 1 м* | *870* |
| *1 – 1.5м* | *1700* |
| *1.5 - 2 м* | *5300* |
| *2-2.5м* | *1986* |
| *2.5-3м* | *1200* |
| *3 ва зиёд* | *8281* |
| *Ҳамагӣ:* | *16059* |

Ба ҳолати 31.12.2015с. зиёда аз 1490 га заминҳои кишоварзии ноҳияи Восеъ дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ қарор доранд, ки сабаби он дар ҳолати ногувор қарор доштани иншоотҳои мелиоративӣ ва махсусан заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ ба шумор меравад. Аз 140 км дарозии заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагии ноҳия ҳоло 44 км онҳо ба таҷдид ниёз доранд. Мушкилоти дигари ин соҳа, тоза нашудани 354 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ мебошад.

***Ҷадвали №11. Ҳолати мелиоративии заминҳои обёришавандаи н.Восеъ дар соли 2015***

| ***Ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда*** | *га* | *%* |
|---|---|---|
| *Заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш* | *1490* | *10,6* |
| *Заминҳои ҳолати мелиоративиашон қаноатбахш* | *12525* | *89,4* |
| *Ҳамагӣ:* | *14015* | *100* |

Заминҳои обёришавандаи ноҳияро асосан идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳия хизмат мерасонад ва аксарияти иншоотҳои обтаъминкунӣ ва шабакаҳои мелиоративӣ дар тавозуни идораи мазкур қарор доранд.

***Ҷадвали №12. Иншоотҳои мелиоративии н. Восеъ,***

| *Номгӯи ташкилот* | *ИДБЗОВ* | *Дохили хоҷагӣ* |
|---|---|---|
| *Истгоҳҳои обкашӣ (адад)* | *24* | *28* |
| *Чоҳҳои амудӣ (адад)* | *102* | *-* |
| *Заҳбурҳои кушода (км)* | *140* | *354* |
| *Каналҳо(км)* | *113* | *413* |

Айни замон барои беҳтар намудани хизматрасонии ИДБЗОВ мушкилоти зерин монеъа эҷод мекунанд. Аз ҷумла: таъмирталаб будани 65 км заҳбуру заҳкаш ва шабакаҳои обёрӣ, хусусан заҳкаши Гулистон Қурбоншаҳид 10 км, заҳкаши деҳаи Лархобӣ, ҷ/д Тугарак (12 км), заҳбури марказии Қурбоншаҳид Восеъ (15 км), заҳбури

Кафтархона (10 км), селпартои стансияи насосии Ленин 2 (8 км), заҳбури заҳкаши К-1, К2 дар ҷ/д М. Маҳмадалиев (10 км).

***2.1.6. Техникаи кишоварзӣ.*** Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Дар хоҷагиҳои кишоварзӣ ва дар ихтиёри аҳолӣ 978 адад техникаву таҷҳизот мавҷуд буда, аз ин танҳо 56 фоизаш (543 адад) дар ҳолати коршоямӣ қарор доранд. Аз шумораи умумии техника ва таҷҳизот 8,6% трактори шудгоркунанда (84 адад), 91,4 % трактори чархдор (894 адад) мебошанд. Илова ба ин, дар тавозуни хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ 128 адад ядаки тракторӣ мавҷуд аст. Барои таъмир ва барқарорсозии техникаю таҷҳизоти мавҷуда маблағи зиёд лозим аст ва таъмири онҳо аз ҳисоби хоҷагиҳо аз имкон берун аст. Воқеан ҳам, сабаби паст шудани даромаднокии хоҷагиҳо норасогии техника мебошад.

Дар мустаҳкам намудани базаи моддӣ – техникии соҳаи кишоварзӣ нақши аҳолӣ баланд арзёбӣ гардида, шумораи техникаҳои дар тавозуни аҳолӣ буда 630 ададро ташкил медиҳад.

***Ҷадвали №13. Шумораи техникаҳои кишоварзии н. Восеъ то 31.12.2015с.***

| № | Номгӯи техникаҳои кишоварзӣ | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Хоҷагиҳои ҷамоавӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Ташкилоту муассисаҳо | Шахсиҳо | Истгоҳҳои техникӣ |
| 1 | Трактори Т-150 | 16 | 7 | - | 1 | 8 | - |
| 2 | Трактори Т4, Т4А | 48 | 13 | 20 | - | 15 | - |
| 3 | Трактори ДТ75 | 36 | 5 | 5 | - | 26 | - |
| 4 | Трактори МТЗ хам. | 156 | 4 | 15 | 2 | 132 | 3 |
| 5 | Трактори МТЗ 80х | 3 | - | - | - | 3 | - |
| 6 | Трактори Т28х4МС | 298 | 38 | 75 | 9 | 176 | - |
| 7 | Трактори Т28х4 | 239 | 70 | 69 | - | 100 | - |
| 8 | Трактори Т40 | 117 | - | - | 1 | 116 | - |
| 9 | Трактори ЮМЗ | 49 | 1 | - | - | 48 | - |
| 10 | Трактори ТТЗ60-80 | 11 | 2 | - | - | 1 | 8 |
| 11 | Трактори Т16,Т25 | 5 | - | - | - | 5 | - |
| | **Ҷамъи тракторҳо** | **978** | **140** | **184** | **13** | **630** | **11** |
| 12 | Экскаваторҳо | 17 | - | - | 4 | 13 | - |
| 13 | Булдозер Т130-170, КА700, КА701 | 4 | - | - | 4 | - | - |
| 14 | Комбайнҳои ғалладаравӣ | 85 | 5 | 9 | - | 70 | 1 |
| 15 | Ядакҳо | 128 | 35 | 60 | 2 | 31 | - |
| 16 | Грейдер | 2 | - | - | 2 | - | - |
| 17 | Боркунак (мехл-та) | 11 | - | - | 6 | 5 | - |
| | Ҳамагӣ: | 1225 | 180 | 253 | 31 | 749 | 12 |

Аз тракторҳои мавҷуда 56%-и онҳо ба пуррагӣ ба кор омода буда, 44%-и онҳо корношоям мебошанд. Дар баробари ин, норасогии қисмҳои эҳтиётии хушсифат, сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва гаронии нархи онҳо ба баланд шудани арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ бевосита замина гузоштааст.

**Мушкилиҳои мавҷуда:**

- ✓ суст будани базаи моддию техникӣ ва набудани паркҳои тракторӣ оид ба таъмири техника;
- ✓ норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва равғанҳои молиданию сӯзишворӣ;
- ✓ аз мӯҳлати муқарраргардида бештар истифода гардидани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда (пурра ва барзиёд истифода бурдани мӯҳлати амартизатсионии техникаҳо);
- ✓ суст будани таъминот бо техника ва таҷҳизотҳои ҳозиразамон.

**2.2. Соҳаи саноат**

***2.2.1 Таҳлили ҳолати кунунӣ.*** Дар ноҳия 18 адад корхонаҳои мухталифи саноатӣ, ки самти асосии истеҳсолоти онҳо барои коркарди ашёи хоми маҳаллӣ нигаронида шудааст, фаъолият менамояд. Дар ин корхонаҳо 1062 нафар аҳолии маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин мебошанд. Дар корхонаҳои саноатии ноҳия асосан коркарди пахта, истеҳсоли намаки ошӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва маҳсулоти хӯрокворӣ (қаннодӣ, нон ва маҳсулоти нонӣ, оби ҷав) ба роҳ монда шудааст.

***Диаграммаи 6. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия дар солҳои 2013-2015 (дар шакли пулӣ аз рӯи нархҳои ҷории соли 2016)***




Мувофиқи таҳлилҳо дар ноҳия соли 2015 ҳаҷми умумии номиналии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбати солҳои 2013 ва 2014, мутаносибан ба 3% ва 5% афзудааст. Бо назардошти сатҳи тавварум ва индекси нархҳои истеъмолии корхонаҳои саноатӣ ҳаҷми реалии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мутаносибан ба таври назаррас коҳиш ёфтааст.

***Ҷадвали №14. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии корхонаҳо дар солҳои 2012- 2015***

| *№* | *Корхонаи саноатӣ* | *Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот (ҳазор сомонӣ)* | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ***2012*** | ***2013*** | ***2014*** | ***2015*** |
| 1 | ҶДММ «Неъмат» | *25188,4* | *27338,0* | *23770,1* | *14518,4* |
| 2 | КИ «М. Камолов» | *3440,3* | *2218,8* | *2274,4* | *3109,3* |
| 3 | ШХ «САМАР» | *8321,2* | *2599,1* | *4902,2* | *7411,7* |
| | ***Ҷамъи корхонаҳои пахтатозакунӣ*** | ***36949,9*** | ***32156,0*** | ***30946,7*** | ***25039,4*** |
| 4 | ҶСК «Хоҷа-Мумин» | *466,9* | *479,6* | *641,9* | *674,2* |
| 5 | ҶДММ «Диловар Н» | *107,6* | *151,6* | *121,5* | *185,9* |
| 6 | ҶДММ «Сорбон-А» | *215,7* | *392,4* | *395,4* | *197,7* |
| 7 | ҶДММ «Эмом-Таърифӣ» | *40,2* | *45,9* | *63* | *90,6* |
| | ***Ҷамъи корхонаҳои намакистеҳсолкунанда*** | ***830,4*** | ***1069,5*** | ***1221,8*** | ***1148,4*** |
| 8 | ҶСП «Восеъ» | *289,6* | *333,2* | *378,6* | *425,5* |
| 9 | КХ «Ҷовид» | *14,5* | *12,2* | *13,2* | *14* |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 10 | ҶДММ «Султон» | *147,5* | *194,6* | *210,5* | *219,6* |
| 11 | Ориён «МС» | *2,7* | *1,5* | *1,6* | - |
| 12 | ҶДММ «Вайс» | - | *46,8* | *20,4* | *18,3* |
| 13 | ҶДММ «Азиз-1» | - | - | *37,5* | *14,4* |
| 14 | ҶДММ «Яхсу 2015» | - | - | - | *62,6* |
| 15 | ҶДММ «Обсохтмон» | - | - | - | *95,5* |
| 16 | ҶДММ «Алишер-АКС» | - | - | - | *55* |
| 17 | ҶДММ «Мададгор-5» | *148,2* | *91,5* | *90,2* | *77,3* |
| 18 | ҶДММ «Чашмаи истиқлол» | - | - | *93,5* | *465* |
| | КФД «Об ва канализатсия» | - | - | *611* | *692,8* |
| | Идораи шабакаҳои барқ | - | - | *6546,8* | *7487,9* |

Дар истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия ҳиссаи корхонаҳои ҶДММ “Неъмат”, ШХ “Самар”, КИ “М. Камолов”, ҶСК “Хоҷа Мумин” ва ҶСП “Восеъ” зиёд аст. Корхонаҳои саноатии ноҳия аз сабаби кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизоту дастгоҳҳои мавҷуда, набудани ашёи хом ва дигар омилҳои субективию объективӣ бо иқтидори пуррашон кор намекунанд.

***Ҷадвали №15. Ҳолати корхонаҳои саноатӣ (ба ҳолати 31.12.2015)***

| *№* | *Номгӯи корхонаҳо* | *Шакли фаъолият ва ё маҳсулоти истеҳсолшаванда* | *Иқтидори Лоиҳавӣ/ солона* | *Иқтидори ҳозира/ солона* | *Ҳолати техникӣ* | *Истифодабарандаго ни маҳсулот* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *1.* | *ҶДММ «Неъмат»* | *Нахи пахта* | *10000 тонна* | *1451 тонна* | *Технологияи куҳна* | *Бозори дохилӣ ва берунӣ* |
| *2.* | *КИ «М. Камолов»* | *Нахи пахта* | *10000 тонна* | *414 тонна* | *Технологияи куҳна* | *Бозори дохилӣ ва берунӣ* |
| *3.* | *ШХ «САМАР»* | *Нахи пахта* | *20000 тонна* | *929 тонна* | *Технологияи куҳна* | *Бозори дохилӣ ва берунӣ* |
| *4.* | *ҶСК «Хоҷа-Мумин»* | *Намак* | *12000 тонна* | *5500 тонна* | *Технологияи нав* | *Бозори дохилӣ ва берунӣ* |
| *5.* | *ҶДММ «Диловар Н»* | *Намак* | *5000 тонна* | *3565 тонна* | *Технологияи куҳна* | *Бозори дохилӣ ва берунӣ* |
| *6.* | *ҶДММ «Сорбон-А»* | *Намак* | *5000 тонна* | *3160 тонна* | *Технологияи куҳна* | *Бозори дохилӣ ва берунӣ* |
| *7.* | *ҶДММ «Эмом-Таърифӣ»* | *Намак* | *800 тонна* | *650 тонна* | *Технологияи куҳна* | *Бозори дохилӣ ва берунӣ* |
| *8.* | *ҶСП «Восеъ»* | *Нон ва маҳсулотҳои нонӣ* | *70 тонна* | *32 тонна* | *Технологияи куҳна* | *Бозори дохилӣ* |
| | | *Оби ҷав* | *12000 дал* | *11228 дал* | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *9.* | *КХ «Човид»* | *Оби чав* | *1000 дал* | *852 дал* | *Технологияи нав* | *Бозори дохилӣ* |
| *10.* | *ҶДММ «Султон»* | *Нон ва маҳсу-лотҳои нонӣ* | *90 тонна* | *66 тонна* | *Технологияи куҳна* | *Бозори дохилӣ* |
| *11.* | *Ориён «МС»* | *Оби ангур* | *200 дал* | *- дал* | *Технологияи кухна* | *Бозори дохилӣ* |
| *12.* | *ҶДММ «Вайс»* | *Дару тирезаҳои пластикӣ* | *150 адад* | *120 адад* | *Технологияи нав* | *Бозори дохилӣ* |
| *13.* | *ҶДММ «Обсохтмон»* | *Сангу шагал* | *10000 метр.куб* | *595 метр.куб* | *Технологияи нав* | *Бозори дохилӣ* |
| *14.* | *ҶДММ «Мададгор-5»* | *Сангу шагал* | *10000 метр.куб* | *2980 метр.куб* | *Технологияи нав* | *Бозори дохилӣ* |
| *15.* | *ҶДММ «Азиз-1»* | *Сангу шагал* | *10000 метр.куб* | *1800 метр.куб* | *Технологияи нав* | *Бозори дохилӣ* |
| *16.* | *ҶДММ «Чашмаи истиқлол»* | *Маҳсулотҳои қаннодӣ* | *100 тонна* | *79 тонна* | *Технологияи нав* | *Бозори дохилӣ* |

Дар бахши саноат самти асосӣ ва афзалиятнок дар панҷ соли минбаъда, самаранок ва оқилона истифода намудани захираҳои мавҷуда, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, бунёди корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ, ворид намудани техникаю технологияи замонавӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аст.

***Иқтидор.*** Дар ҳудуди ноҳия захираи калони ашёи хоми маҳаллӣ, махсусан намак ва маҳсулотҳои кишоварзӣ мавҷуд аст, ки дар ҳолати ба роҳ мондани коркарди пурра ва самаранок истифода намудани он, ҳаҷми истеҳсол ва иқтидори содиротии ноҳия зиёд мегардад.

Дар ҳолати бунёди корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ имконияти зиёд шудани маҳсулоти содиротӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меояд, ки ин метавонад рушди бемайлони ноҳияро таъмин намояд.

**Ҷанбаҳои экологӣ.** Таъсири моддаҳои зараровари корхонаҳои саноатӣ ба муҳити атроф пурра омӯхта нашудааст. Баъзе корхонаҳои саноатии ноҳия хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ ва иҷозатномаи меъёрӣ надоранд. Дар корхонаҳои мавҷуда мушоҳида оид ба партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо хуб ба роҳ монда нашудааст, ки ин дар оянда ба хатарҳои экологӣ оварда мерасонад.

**Мушкилиҳои соҳа:**

- *Кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизот ва сатҳи пасти фаъолияти инноватсионии корхонаҳо;*
- *Истифода набурдани усулҳои нави менеҷмент ва маркетинг дар корхонаҳо;*
- *Набудани инвеститсияи дохилию берунӣ барои рушди соҳа ва имконияти маҳдуд ҷиҳати фаъолият дар реҷаи такрористеҳсолкунии васеъ.*

### 2.3. Соҳаи сохтмон

Дар ноҳияи Восеъ 17 ташкилоти сохтмонӣ (аз ҷумла, ҶДММ «Бинокор», ҶДММ “Сохтмон тиҷорат” ҶДММ “Хшин”, ҶДММ “Алишер АСК”, ҶДММ “Фаридун 88”, ҶДММ “Васли тоҷик”, ҶДММ “БДМ”, ҶСК “Обсохтмон”, ҶСК “Сабр 1”, КСМБ “Восеъ”, ҶСК “Восеъи Нур”, ҶДММ “Бахт 82”, ҶДММ “Азиз”,

ҶДММ “Муҳандис”, ҶДММ "Сафар Давлат”, Раёсати таъмиру тармими ёдгориҳои таърихӣ, Қитъаи зудамали худмаблағгузор) фаъолият дорад. Тамоми корҳои бунёду барқарорсозии иншоотҳои сохтмонӣ ноҳия тавассути ин корхонаҳо амалӣ шуда, аҳолии маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ таъмин карда мешавад. Танҳо соли 2014 аз ҷониби ташкилотҳои сохтмонӣ дар иншоотҳои нав зиёда аз 1200 ҷойи кори иловагӣ таъсис дода шуд.

Тибқи нақшаи кулли ноҳия бунёди маҳаллаҳои нав дар мавзеъҳои пешбинишуда бо назардошти талаботҳои шаҳрсозӣ пешбинӣ шудааст. Айни замон барои амалӣ гардидани нақшаи мазкур ҷиҳати ҷобаҷогузории иншоотҳо дар ҳудуди шаҳрак ва ноҳия тибқи талаботҳои кодекси шаҳрсозӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд.

**Мушкилоти асосии соҳаи сохтмон:**

- ✓ набудани биноҳои зебову замонавӣ ва кӯҳнаю фарсуда гардидани иншоотҳои асосии соҳаҳои хоҷагии халқ;
- ✓ маҳдуд будани буҷети маҳаллӣ барои маблағгузорӣ намудани объектҳои нотамоми сохтмонӣ ва бунёди иншооти наву замонавӣ;
- ✓ баланд будани нархи масолеҳи сохтмонӣ.

## 2.4. Соҳаи соҳибкории хурду миёна

Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар пешбурди иқтисодиёти ноҳия нақши калон дошта, сарчашмаи асосии даромади буҷаи маҳаллӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. Соҳибкорони ноҳия асосан ба тиҷорат, хизматрасонии маишию маданӣ, сохтмон ва истеҳсолот шуғл доранд.

***Ҷадвали №16. Воридоти андозҳо ба буҷети маҳаллӣ аз рӯи соҳаҳо (сомонӣ)***

| Соҳаҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 3962298 | 3888151 | 1365192 | 2004547 |
| Нақлиёт | 709339 | 824370 | 1172362 | 1221234 |
| Саноат | 2104767 | 2314358 | 2708928 | 2807637 |
| Сохтмон | 834501 | 967204 | 1191794 | 1740178 |
| Савдо ва хизматрасонӣ | 502640 | 873818 | 902880 | 932908 |
| Ташкилотҳои молиявӣ | 1412543 | 1893598 | 3045204 | 2106284 |
| Дигар соҳаҳо | 15523664 | 21478633 | 28028918 | 31784858 |
| Ҳамагӣ: | 25049752 | 32240132 | 38415278 | 42597646 |

Таи солҳои охир воридоти маблағ ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби ҳамаи соҳаҳо 70% зиёд шуда, ҳиссаи соҳибкорони хурду миёна дар қисмати даромади буҷети маҳаллӣ дар солҳои 2012-2015 аз 6,8 фоиз ба 17,9 фоиз расидааст.

Дар ноҳия 33 ташкилоти ҷамъиятӣ, 20 корхонаи хурду бузург, 238 кооперативи истеҳсолӣ, 19 ҷамъияти саҳҳомӣ, 234 ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва 229 адад дигар ҷамъият ва ташкилоту муассисаҳо ба қайд гирифта шуда, 1286 соҳибкор бо патент ва 401 нафар бо шаҳодатнома фаъолият мекунад. Ба буҷет тавассути соҳибкорон 3 054 302 сомонӣ маблағ ворид гардидааст (1 188 322 сомонӣ аз ҳисроби соҳибкорони тариқи патент ва 1 865 980 сомонӣ аз ҳисоби соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолиятдошта), ки дар маҷмӯъ маблағи пардохтшуда ба ҳар як нафар соҳибкор 1810 сомонӣ рост меояд (ба ҳолати 1.01.2016с.).

***Ҷадвали №17. Нақши* СХМ *дар таъмини шуғли аҳолӣ аз рӯи соҳаҳо (01.01.2016)***

| Соҳаҳо | Миқдори субъектҳои ба қайд гирифташуда | | Шуғл | |
|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Миқдори ҷойҳои корӣ (аз ҷумла занҳо) | % аз шуғли умумӣ |
| Кишоварзӣ | 753 | 2535 | 6202 | 10,0 |
| Савдо | 2 | 1186 | 2354 | 3,7 |
| Хизматрасонӣ | 10 | 140 | 302 | 0,4 |
| Сохтмон | 4 | 171 | 406 | 0,6 |
| Саноат | 4 | 190 | 472 | 0,8 |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***773*** | ***4222*** | ***9704*** | ***15,5*** |

Саҳми соҳибкории хурду миёна тайи се соли охир гарчанде дар истеҳсоли маҳсулоти умумии саноатии ноҳия афзоиш ёфта бошад ҳам, вале аз сабаби нокифоя будани имкониятҳои молиявӣ ва баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, соҳибкорони ба хизматрасонӣ ва истеҳсолот машғулбуда ба мушкилоти зиёд дучор гардиданд.

Барои самаранок истифодабарии иқтидорҳои мавҷудаи иқтисодии ноҳия чунин сиёсатро пешгирифтан лозим аст, ки он ба фаъолсозии рушди соҳибкорӣ равона шуда, ба соҳибкорони истеҳсолӣ мусоидат намояд. Дар ин самт ташкил ва эҳё намудани ҳунару касбҳои анъанавии қадимаи аҷдодӣ марбут ба ҳунарҳои дӯзандагӣ, бофандагӣ, ресандагӣ, оҳангарӣ вобаста ба хусусияти хоси маҳаллаҳо, деҳаҳо (аз рӯи раванди “як деҳа як маҳсулот”) ба мақсад мувофиқ аст. Ин омил метавонад дар баланд шудани даромад, коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ ва ба ҷои кории доимӣ таъмин намудани аҳолии ноҳия мусоидат намояд.

Барои дастгирии бахши хусусӣ дар ноҳияи Восеъ филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк», ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶСК «Агроинвестбонк», Бонки “Эсхата”, ҶСП «Аввалин Бонки молиявии хурд», Филиали ҶДММ ТҚХ «Финка», филиалҳои ОКСУС, «Имконияти Ховар» ва «Хумо» фаъолият доранд. Дар давоми солҳои 2013-2015 тавассути бонкҳо ба мизоҷон 158,5 миллион сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат аз ҷумла барои рушди соҳаҳои кишоварзӣ (24,6%), ниёзи иҷтимоӣ (16,9%), соҳибкорию тиҷорат (35,3%), саноату сохтмон (17,9%), хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳо (5,3%) пешниҳод гардидааст.

***Ҷадвали № 18. Маълумот оид ба қарзҳои ба СХМ додашуда дар буриши соҳаҳои асосӣ дар давраи солҳои 2013-2015 (сомонӣ)***

| *Номгӯи ташкилот* | *сол* | *Ҳаҷми умумии қарзҳои дода шуда* | *Соҳаҳо* | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *Кишоварзӣ* | *Соҳибкорӣ* | *Муҳоҷирати меҳнати ва зарурияти иҷтимоӣ* | *Истеҳсолӣ (саноат, сохтмон)* | *Хизматрасонӣ* | *Дигар соҳаҳо* |
| *Филиали «Агроинвестбон»* | *2013* | *3664329* | *1826584* | *645360* | *1192385* | | | |
| | *2014* | *6037410* | *2227070* | *700429* | *3109911* | | | |
| | *2015* | *2543217* | *1204798* | *452628* | *885791* | | | |
| *Ҷамъ:* | *X* | *12244956* | *5258452* | *1798417* | *5188087* | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Филиали «Амонатбонк»* | *2013* | *2763300* | *196000* | *1268200* | *1299100* | | | |
| | *2014* | *3868800* | *90000* | *1502000* | *2276800* | | | |
| | *2015* | *4220300* | *398000* | *939000* | *2883300* | | | |
| *Ҷамъ:* | *X* | *10852400* | *684000* | *3709200* | *6459200* | | | |
| *Филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк»* | *2013* | *6914384* | *358500* | *3783231* | *2371653* | *401000* | | |
| | *2014* | *11098555* | *167000* | *3222645* | *4661801* | *3047109* | | |
| | *2015* | *11046027* | *0* | *2294028* | *3832656* | *4919343* | | |
| *Ҷамъ:* | *X* | *29058966* | *525500* | *9299904* | *10866110* | *8367452* | | |
| *Филиали ҶДММ ТҚХ «Ҳумо»* | *2013* | *1289786* | *317725* | *185112* | | *396949* | | *390000* |
| | *2014* | *2381321* | *1038922* | *207793* | | *1134606* | | |
| | *2015* | *2807492* | *1176665* | *284672* | | *1346155* | | |
| *Ҷамъ:* | *X* | *6478599* | *2533312* | *677577* | | *2877710* | | *390000* |
| *Филиали ҶДММ ТҚХ «Финка»* | *2013* | *5796437* | *1724858* | *2376034* | | | *1695545* | |
| | *2014* | *12635550* | *5163959* | *3784596* | | *340777* | *3346218* | |
| | *2015* | *8212556* | *1618610* | *4088944* | | *865688* | *1639314* | |
| *Ҷамъ:* | *X* | *26644543* | *8507427* | *10249574* | | *1206465* | *6681077* | |
| *Бонки Эсхата* | *2013* | *9287738* | *3043240* | *3388986* | | *2855512* | | |
| | *2014* | *15617765* | *4012480* | *6009150* | *118106* | *5478028* | | |
| | *2015* | *18790861* | *3858037* | *7508062* | *63400* | *7361362* | | |
| *Ҷамъ:* | *X* | *43696364* | *10913757* | *16906198* | *181506* | *15694902* | | |
| *Филиали «ОКСУС»* | *2013* | *3027994* | *1900991* | *937322* | *170181* | | | *19500* |
| | *2014* | *4418037* | *2602865* | *1111099* | *669838* | | | *34234* |
| | *2015* | *3399956* | *2073233* | *811151* | *515572* | | | |
| *Ҷамъ:* | *X* | *10845987* | *6577089* | *2859572* | *1355591* | | | *53734* |
| *Филиали АБМХ* | *2013* | *2161297* | *535500* | *1254028* | *371769* | | | |
| | *2014* | *5403956* | *1065000* | *3002482* | *1336474* | | | |
| | *2015* | *3557966* | *1117000* | *1480249* | *960717* | | | |
| *Ҷамъ:* | *X* | *11123219* | *2717500* | *5736759* | *2668960* | | | |
| *Филиали «Имконият Ховар»* | *2013* | *2313038* | *571400* | *1266938* | | *97400* | *377300* | |
| | *2014* | *3347288* | *447400* | *2174532* | | *48200* | *677156* | |
| | *2015* | *1898900* | *179000* | *1300100* | | *109300* | *310500* | |
| *Ҷамъ:* | *X* | *7559226* | *1197800* | *4741570* | | *254900* | *1364956* | |
| *Ҳамагӣ дар сол:* | *2013* | *37218303* | *10474798* | *15105211* | *5405088* | *3750861* | *2072845* | *409500* |
| | *2014* | *64808680* | *16814696* | *21714726* | *12172930* | *10048720* | *4023374* | *34234* |
| | *2015* | *56477275* | *11625343* | *19158834* | *9141436* | *14601848* | *1949814* | |
| *Ҷамъ:* | *X* | *158504258* | *38914837* | *55978771* | *26719454* | *28401429* | *8046033* | *443734* |

Соҳибкорон нерӯи бузург ва созанда мебошанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳия вобастагии калон дорад. Ҳоло дар ноҳия иқтидорҳои калони истеҳсолӣ, қувваи кории арзон, ашёи хом, захираи об, рег, санг ва қум мавҷуд аст, ки дар ин замина ба роҳ мондани соҳибкорӣ натиҷаи хуб хоҳад дод. Илова бар ин аксари занон ва духтарон дар ноҳия бе кор мебошанд ва ба роҳ мондани ҳунарҳои қадимаи мардумӣ дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад.

Соҳибкорони ноҳия ба кӯмаки машваратии касбӣ доир ба масъалаҳои ташкилу рушди бизнес, иттилоот доир ба омӯзиши бозор ва идоракунии он (бизнес инкубатор, маркази бизнесӣ) ниёз доранд.

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Соҳаи маориф

Соҳаи маориф яке аз муҳимтарин соҳаҳои иҷтимоии ноҳияи Восеъ ба шумор рафта, ҳадафи асосии он беҳтар гардонидани сатҳи фарогирии хонандагон ба муассисаҳои таълимии ноҳия ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия мебошад.

***Ҷадвали № 19. Сатҳи маълумотнокии омӯзгорони муассисаҳои таълимии ноҳияи Восеъ дар соли 2013-2015(нафар)***

| *Сол* | *2013* | | *2014* | | *2015* | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Дараҷаи маълумот* | *Ҳамагӣ* | *Аз он ҷумла занҳо* | *Ҳамагӣ* | *Аз он ҷумла занҳо* | *Ҳамагӣ* | *Аз он ҷумла занҳо* |
| *Олӣ* | *1555* | *493* | *1661* | *551* | *1762* | *567* |
| *Олии нопурра* | *156* | *93* | *154* | *98* | *152* | *94* |
| *Миёнаи махсус* | *474* | *281* | *494* | *316* | *537* | *345* |
| *Миёнаи умумӣ* | *80* | *65* | *71* | *55* | *96* | *75* |

***3.1.1. Маълумоти томактабӣ***. Дар ноҳияи Восеъ шумораи синну соли томактабӣ зиёда аз 40-ҳазор нафарро ташкил намуда, танҳо 0,72%-и онҳо ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта шудаанд, ки ин нишондиҳанда хеле ночиз аст. Дар ноҳия то соли 2014 ҳамагӣ як боғчаи бачагонаи №1 амал мекард, ки дар он 130 нафар кӯдакон ба тарбия фаро гирифта шуда буданд. Соли 2015 боғчаи бачагонаи №2 ба фаъолият шурӯъ кард, ки 105 нафар кӯдаконро ба тарбия фаро гирифт. Соли 2016 бошад бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар ҳудуди ҷамоати деҳоти ба номи Абдӣ Авазов боғчаи №3 ба истифода дода шуд, ки 55 нафар кӯдаконро ба тарбия фаро гирифт.

Норасоии ҳуҷраҳо, катҳои хоб, мизу курсиҳо проблемаҳои асосии ин соҳа ба шумор мераванд. Дар деҳот муассисаҳои томактабӣ умуман вуҷуд надоранд, ҳарчанд дар давраи собиқ шӯравӣ дар деҳот зиёда аз 40 муассисаи томактабии мавсимӣ амал мекард. Бо мақсади иҷрои нақшаи дурнамои соҳа дар солҳои минбаъда дар ҳудуди ҳамаи ҷамоатҳо сохта ба истифода додани бағчаҳои бачагона дар назар дошта шудааст.

Илова бар ин, дар соли 2015 дар ноҳия 35 маркази инкишофи кӯдакон фаъолият менамояд, ки зиёда аз 673 нафар кӯдаконро фаро гирифтааст. Соли 2016 таъсиси 34 маркази иловагии инкишофи кӯдакон дар назди мактабҳо бо фаро гирифтани 850 нафар кӯдакон ба нақша гирифта шудааст.

***Ҷадвали №20. Шумораи ҷойҳои нишаст дар муассисаҳои томактабӣ (дар солҳои 2013-2015)***

| *Муасиссаиҳои томактабӣ* | *2013* | | | *2014* | | | *2015* | | | *Ба ҳолати 1 марти соли 2016* | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Ҳамагӣ тарбиятгар* | *Писарон* | *Духтарон* | *Ҳамагӣ тарбиятгар* | *Писарон* | *Духтарон* | *Ҳамагӣ тарбиятгар* | *Писарон* | *Духтарон* | *Ҳамагӣ тарбиятгар* | *Писарон* | *Духтарон* |
| *Боғчаи №1* | *120* | *75* | *45* | *130* | *75* | *55* | *130* | *76* | *54* | *130* | *76* | *54* |
| *Боғчаи № 2* | - | - | - | - | - | - | *105* | *48* | *57* | *105* | *48* | *57* |
| *Боғчаи № 3* | - | - | - | - | - | - | - | - | - | *55* | *28* | *27* |
| *ҲАМАГӢ:* | *120* | *75* | *45* | *130* | *75* | *55* | *235* | *124* | *111* | *290* | *152* | *138* |

***3.1.2. Маълумоти мактабӣ.*** Аз рӯи маълумотҳои оморӣ дар ноҳияи Восеъ миқдори умумии мактабҳо 72 адад буда, аз он 4 адад мактабҳои ибтидоӣ, 5 адад мактаби асосӣ, 60 адад мактабҳои миёна ва 2 адад интернат ва 1-гимназия фаъолият намуда истодаанд.

***Ҷадвали №21. Миқдори талабагон дар муассисаҳои таҳсилоти умуми (дар солҳои 2013-2015)***

| *Сол хониш* | *2013-2014* | | | | *2014-2015.* | | | | *2015-2016.* | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Синфҳо* | *Ҳамагӣ хонандагон* | *Писарон* | *Духтарон* | *% Духтарон* | *Ҳамагӣ хонандагон* | *Писарон* | *Духтарон* | *%Духтарон* | *Ҳамагӣ хонандагон* | *Писарон* | *Духтарон* | *%Духтарон* |
| *1-4* | *16427* | *8447* | *7980* | *48,6* | *16515* | *8582* | *7933* | *48,0* | *17103* | *8939* | *8164* | *47,7* |
| *5-9* | *19700* | *10365* | *9335* | *47,4* | *19630* | *10249* | *9381* | *47,8* | *19483* | *10115* | *9368* | *48,1* |
| *10-11* | *5414* | *2882* | *2532* | *46,8* | *5938* | *3130* | *2808* | *47,3* | *6477* | *3277* | *3200* | *49,4* |
| *Ҷамъ:* | *41541* | *21694* | *19847* | *47,8* | *42083* | *21961* | *20122* | *47,8* | *43063* | *22331* | *20732* | *48,1* |

Дар ҳамаи мактабҳои ноҳияи Восеъ сатҳи зиёдшавии хонандагон ба назар мерасад, ки ин аз боло рафтани таваллуд шаҳодат медиҳад. Муассисаҳои таълимии ноҳия таҳсилро дар ду баст фаро гирифта бошанд ҳам, мутаассифона дар мактабҳои №№ 2, 4, 15, 17, 29,35, 53 ва 64 ҷамъ 878 нафар дар басти сеюм дарс мехонанд.
Бинобар нагузаронидани таъмири асосӣ аксари бинои мактабҳои №№ 6,7, 24, 26,38, 52, 56 (қисман мактабҳои №12, 13 ва16) дар ҳолати садамавӣ қарор доранд.

Иловатан барои таъмини сифати таълим дар ноҳия эҳтиёҷ ба сохтмони синфхонаҳои иловагӣ вуҷуд дорад, аз ҷумла дар назди мактабҳои №№ 2, 3, 6, 8, 11, 13, 14, 15, 18, 19, 21, 22, 26, 27, 28, 30, 32, 34, 35, 36, 37, 39, 42, 45, 46, 47, 51, 54, 55, 58, 62 ва 64. Дар ноҳияи Восеъ дар назди 20 муассисаи таълимӣ толорҳои варзишӣ мавҷуд буда 15 тои он ба гузаронидани таъмири асосӣ ниёз доранд, боқимондаи муассисаҳои таълимии ноҳия толорҳои варзишӣ надоранд.

***Ҷадвали №22. Шумораи умумии муаллимон дар ноҳияи Восеъ дар солҳои 2012-2015 (нафар)***

| *Соли хониш* | *2012-2013* | *2013-2014* | *2014-2015* | *2015-2016* |
|---|---|---|---|---|
| *Шумораи умумӣ* | *2236* | *2265* | *2380* | *2547* |
| *аз он ҷумла занон* | *901* | *932* | *1020* | *1081* |
| *Бо маълумоти олӣ* | *1496* | *1555* | *1661* | *1762* |
| *аз он ҷумла занон* | *456* | *493* | *551* | *567* |
| *Бо маълумоти олии нопурра* | *149* | *156* | *154* | *152* |
| *аз он ҷумла занон* | *88* | *93* | *98* | *94* |
| *Бо маълумоти миёнаи махсус* | *498* | *474* | *494* | *537* |
| *аз он ҷумла занон* | *286* | *281* | *316* | *345* |
| *Бо маълумоти умумии миёна* | *93* | *80* | *71* | *96* |
| *аз он ҷумла занон* | *71* | *65* | *55* | *75* |
| *Ғоибона мехонанд* | *252* | *296* | *311* | *339* |

Айни замон, дар ноҳияи Восеъ «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» пурра таъмин гардидааст.

Дар баъзе муассисаҳои таълимии ноҳия аз рӯи баъзе фанҳои таълимӣ норасоии китобҳои фаннӣ ба назар мерасад. Инчунин дар мактабҳо таҷҳизоти синфхонаҳо кӯҳнаву фарсуда гашта, норасогии он мушоҳида мешавад.

Дар доираи ислоҳоти бахши маориф гузариш ба системаи нави маблағгузории соҳа, яъне маблағгузории сарикасӣ бо мақсади таъминоти нисбатан самарабахши истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва фароҳам овардани шароити устувори фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи насли наврас равона шудааст. Айни замон муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 100% ба маблағгузории сарикасӣ гузаштаанд.

***3.1.3. Маълумоти миёнаи касбӣ ва олӣ.*** Дар соли 2015-ум 2772 нафар маълумоти миёнаи умумӣ гирифтанд, аз онҳо 1239 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд. Дар соли 2015 аз шумораи умумии хатмкунандаи мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия 1374 нафар ба донишгоҳҳои олӣ, хориҷи кишвар ва миёнаи махсуси касбӣ дохил шуданд, аз ин миқдор 454 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Дар Литсейи касбӣ техникии ноҳия 18 нафар омӯзгорон ва 28 нафар устоҳои таълими истеҳсолӣ ба шогирдон дарс меомӯзанд, аз ин шумора 36 нафар бо маълумоти олӣ, 8 нафар бо маълумоти миёнаи махсуси техникӣ ва 2 нафар бо маълумоти ибтидои техникӣ.

Шумораи умумии донишҷӯён дар ин даргоҳи ҳунар дар соли хониши 2013-2014 484 нафар, дар соли хониши 2014-2015 - 610 нафар ва дар соли 2015-2016 - 631 нафарро ташкил менамояд. Онҳо аз рӯи ихтисосҳои “Тракторист-мошинисти соҳаи кишоварзӣ”, “Ронанда”, “Дӯзанда”, “Кафшергари гази-барқӣ”, “Устои барқ”, “Компютерӣ”, “Муҳосиб бо омӯзиши компютерӣ” касб меомӯзанд. Дар литсей ба ҳолати 1 январи соли 2016 120 нафар духтарон бо омӯзиши касбҳои дӯзандагӣ, системаи компютерӣ ва ҳисобдорӣ ҷалб карда шудаанд. Ин даргоҳи маърифат дорои 19 синфхона, 4 кабинети лабараторӣ аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳазгардонида шуда, 6 дастгоҳи кафшергарӣ, 10 дастгоҳи дӯзандагӣ, 2 трактори ғилдиракдор, 1 автомашинаи боркаш ва 3 автомашинаи сабукрав мебошад. Бо назардошти талаботи бозори меҳнат зарур аст, ки тайёр намудани кадрҳо аз рӯи ихтисосҳои дуредгарӣ, роҳсозӣ, сохтмончӣ, фрезер, автослесар, сантехник ва харрот (токар) ба роҳ монда шавад.

## 3.2. Соҳаи тандурустӣ

***3.2.1. Саломатии модар ва кӯдак:*** Баланд бардоштани сатҳи солимии аҳолӣ дар бахши иҷтимоии ноҳия ҳамчун самти афзалиятнок маҳсуб гардида, мақсади ниҳоии он ба таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои сифатноки тиббӣ нигаронида шудааст. Ба ҳолати 31 декабри соли 2015 дар ноҳия 51307 нафар занони қобили таваллуд ба қайд гирифта шудааст.

***Ҷадвали №23. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва дар хона***

| *Нишондод* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
|---|---|---|---|---|
| *Ҳамагӣ таваллуд* | *5231* | *5989* | *6882* | *6751* |
| *Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ* | *4048* | *4809* | *5994* | *6330* |
| *Бо фоиз* | *77,4* | *80,3%* | *87,1%* | *93,7* |
| *Таваллуд дар хона* | *1183* | *786* | *857* | *420* |
| *Бо фоиз* | *22,6* | *17,1%* | *12,9%* | *6,3* |
| *Фавти модарон* | *2* | *2* | - | - |

Таҳлилҳо нишон дод, ки тайи солҳои охир нишондиҳандаи таваллуд ҳамасола боло рафта, сатҳи таваллуд дар хона мунтазам коҳиш меёбад ва дар ин замина муриши модарон дар соли 2015 умуман ба қайд гирифта нашудааст. Чунин ҳолат аз беҳтар гаштани сифати хизматрасонии муассисаҳои тиббии ноҳия дарак медиҳад. Вале афзоиши бемайлони дараҷаи таваллуд, ки бевосита ба иттилоотнокии нокифояи занон роҷеъ ба масъалаҳои репродуктивӣ ва сатҳи пасти маърифатнокии онҳо ҷиҳати банақшагирии дурусти оила, пурра дастрасӣ надоштани онҳо ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл ва риоя накардани фосилаи байни таваллуд марбут мебошанд, аз нигоҳи иқтисодӣ дар ояндаи наздик ноҳияро ба мушкилиҳои зиёди иҷтимоӣ (норасоии боғчаҳои томактабӣ, мактабу синфхонаҳо ва дигар иншоотҳои наздимактабӣ, муассисаҳои тандурустӣ ва хизматрасониҳои марбут ба беҳдошти саломатӣ) мувоҷеҳ мегардонад. Тайи солҳои охир нишондиҳандаи солимии модарон дар соли 2012 ва 2013 аз ҷумла фавти модарон 2 нафарӣ ба қайд гирифта шудааст, ки сабаби асосии он ба паст шудани индекси солимии модарон, аз ҷумла баланд будани бемориҳои экстрагеneталӣ ва инчунин сари вақт муроҷиат накардани занҳои қобили таваллуд ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ ба муассисаҳои тандурустӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд (17,1 %), таваллуд дар хона, зоиш дар синни бармаҳал (то 20 солагӣ 9,2 % занҳои таваллудкардаро ташкил медиҳад), дастрасии занон ба маводи пешгирикунандаи ҳамл ва сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва банақшагирии оила, пешгирии касалиҳо, ғизои солим, бад будани сифати маҳсулоти хӯрокворӣ ва камбизоатии онҳо ба шумор меравад.

***Ҷадвали №24. Гирифтории занҳои таваллудкарда ба бемориҳои камхунӣ ва ҷоғар***

| *Нишондод* | *Соли 2012* | *Соли 2013* | *Соли 2014* | *Соли 2015* |
|---|---|---|---|---|
| *Шумораи занҳои таваллудкарда* | *5231* | *5989* | *6882* | *6751* |
| *Камхунӣ* | *1677* | *1638* | *1444* | *1680* |
| *бо фоиз* | *30,7* | *27,3* | *20,9* | *25,0* |
| *Касалиҳои ҷоғар* | *299* | *256* | *365* | *395* |
| *бо фоиз* | *5,4* | *4,2* | *5,3* | *6,0* |

Гарчанде мунтазам кам шудани шумораи занҳои гирифтор ба касалиҳои камхунӣ ба назар расад ҳам, вале мутаассифона, ин нишондиҳандаҳо ҳоло ҳам ташвишовар мемонад. Дар ин замина зарур аст, ки минбаъд фаъолияти муассисаҳои тиббии ноҳия барои тақвият бахшидани тадбирҳои амалӣ дар мавриди мубориза бар зидди бемории мазкур боз ҳам тавсеъ дода шавад. Дар бисёр мавридҳо бемориҳои камхунӣ бо бемориҳои ҷоғар ва гурда ҳамшабеҳанд, ки хатари мубтало шудан ба норасиҳои ҳомиладорӣ ва дар баъзе мавридҳо ба оқибатҳои хатарноки он (фавти модар ва кӯдак) оварда мерасонад.

***Ҷадвали №25. Фавти кӯдакони гуногунсол дар давраи солҳои 2012-2015(нафар)***

| *Нишондод* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
|---|---|---|---|---|
| *Фавти кӯдак 0 то 5 сола* | *148* | *141* | *165* | *160* |
| *Фавти кӯдак то 1 сола* | *131* | *109* | *138* | *125* |

Мувофиқи маълумотҳои омории тиббӣ дар солҳои охир фавти кӯдакони то 1 сола ва аз 0 то 5 сола кам гашта истодааст, ки аз беҳтар гардидани хизматрасонии тиббӣ шаҳодат медиҳад.

Сабабҳои асосии фавти кӯдакони то яксола ва 0 то 5 сола ба омилҳои зерин алоқаманд мебошад:

- ✓ баланд будани нишондоди фавти перенаталӣ (6 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани солимии занҳои ҳомила,
- ✓ баланд будани бемориҳои роҳи нафас (гарчанде ки дар ин самт фаъолияти марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва эмкунӣ дуруст ба роҳ монда шуда бошад ҳам, (марказҳои мазкур ба доруворихо ва маводҳои эмкунанда аҳолиро сари вақт пурра таъмин наменамоянд)
- ✓ паст будани маърифатнокии модарон ва шароити номусоиди иқтисодии оилаҳои дурдаст
- ✓ фаъолияти номусоди муассисаҳои КАТС (нарасидани маблағ, нақлиёт, мутахассисон, фарсудаву корношоям будани таҷҳизоти тиббӣ ва биноҳо)
- ✓ баланд будани бемориҳои радифӣ, аз ҷумла камғизогӣ, рахит, нуқсонҳои модарзодӣ, камхунӣ ва ғайраҳо.
- ✓ Риоя нашудани реҷаи ғизо ва ғизонокии хӯрока аз тарафи модарони ҷавон медиҳанд.

Дар ҳамин замина зикр кардан зарур аст, ки гирифтории кӯдакон ба бемории гипотрофия (камвазнӣ) дар соли 2015 хеле ташвишовар мебошад. Зеро шумораи умумии онҳо 2910 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 1461 нафар ба кӯдакони то 1 сола ва 1449 нафар ба кӯдакони то 5 сола рост меояд. Камхунӣ миёни кӯдакони то 1 сола ва то 5 сола хеле зиёд мебошад. Шумораи умумии камхунӣ миёни кӯдакони то 1 сола 340 ва кӯдакони то 5 сола 832 нафарро ташкил медиҳад.

***3.2.2. Бемориҳои сироятӣ***. Ҳолати санитариву эпидемиологии ноҳия солҳои охир дар сатҳи на он қадар хуб қарор дорад.

***Ҷадвали № 26. Динамикаи тамоюли бемориҳои сироятӣ***

| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|
| Домана | 5 | 5 | 8 | 7 |
| Исҳоли хунин | 10 | 6 | 10 | 12 |
| Аз он ҷумла тасдиқ шуда | 10 | 6 | 10 | 12 |
| БШР-муайян шуда | 213 | 202 | 335 | 261 |
| Сил | 235 | 218 | 178 | 180 |
| Сӯхтанӣ | 0 | 0 | 0 | - |
| Бруцелез | 7 | 9 | 9 | 8 |
| Ветрянка | 3 | 2 | 0 | - |
| Паратит | 0 | 1 | 1 | 6 |
| Скарлатина | 1 | 1 | 0 | 1 |
| Зардпарвин А | 140 | 144 | 47 | 70 |
| Зардпарвин В | 5 | 9 | 2 | 1 |
| Вараҷа | 0 | 0 | 1 | - |
| БШРН | 5179 | 4797 | 4279 | 3175 |
| Грипп | 216 | 30 | 1 | - |
| Сифилис | 5 | 3 | 3 | - |
| Гонорея | 1 | 4 | 3 | 8 |
| Осебдидагон аз ҳайвонҳо | 547 | 443 | 435 | 363 |
| Пневмания | 50 | 50 | 42 | 29 |
| Хоришак | 1 | 0 | 4 | 2 |
| Трихофития | 32 | 28 | 37 | 21 |
| Микроспория | 24 | 15 | 33 | 15 |
| Столбняк | 0 | 0 | 0 | - |

Натиҷаҳои таҳлил нишон дод, ки тайи солҳои охир нишондиҳандаҳои гирифтории аҳолӣ ба бемориҳои сироятӣ дар ноҳия мунтазам кам гардида истодааст. Вале мутаассифона, гирифторӣ ба бемории исҳоли хунин дар соли 2015 нисбат ба соли 2014 2 нафар зиёд шудааст, ки сабабаш риоя накардани гигиенаи шахсӣ ва истеъмоли обҳои ифлос мебошад. Паст будани сифати оби нӯшокӣ ва ҳолати номусоиди санитариву эпидемиологӣ (аз байн рафтани идораи беҳдошт ва безараргардонӣ) дар солҳои охир ба афзоиши бемориҳои шадиди рӯдаву меъда ва исҳоли хунин мусоидат намудааст.

***3.2.3. Сохтори соҳаи тандурустӣ.*** Системаи тандурустии ноҳияи Восеъ аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат мебошад.

***Ҷадвали №27. Муассисаҳои тиббии ноҳияи Восеъ***

| | |
|---|---|
| *Сохтори шабакаҳои бистарикунонӣ* | ***Ҷамъ: 8 муассисаҳои ХБ (346 кат)*** |
| | *1- Беморхонаи марказӣ (194 кат)* |
| | *Беморхонаи №1 (15 кат)* |
| | *Беморхонаи №2 (15 кат)* |
| | *Беморхонаи №3 (15 кат)* |
| | *Беморхонаи №4 (15 кат)* |
| | *Беморхонаи №5 (20 кат)* |
| | *Беморхонаи пуст ва зуҳравӣ (12 кат)* |
| | *1-Беморхонаи байни ноҳиявии касалиҳои сил (60 кат)* |
| *Сохтори шабакаҳои КАТС* | ***Ҷамъ: 58 -муассисаҳои КАТС*** |
| | *Маркази саломатии ноҳиявӣ-1 адад* |
| | *Марказҳои саломатии деҳот-35 адад* |
| | *Бунгоҳҳои тиббӣ -22 адад* |

| | |
|---|---|
| *Дигар муассисаҳои тиббӣ* | ***Ҷамъ: 8 марказҳои тиббӣ*** |
| | *1-Маркази тарзи хаёти солим* |
| | *1-Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон* |
| | *1-Маркази ВНМО (ВИЧ/СПИД) ва бемориҳои бо алоқаи ҷинсии гузаранда* |
| | *1.-Маркази эмтаъминкунӣ* |
| | *1- Маркази зидди бемории сил* |
| | *1- Маркази оморӣ ва иттилооти тиббӣ,,* |
| | *1- Маркази стамотологӣ* |
| | *1-Маркази давлатии назорати санитарию-эпидемиологӣ* |

Барои боз ҳам беҳтар ба роҳмондани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ҳалли як қатор мушкилиҳои марбут ба бахши инфрасохтор зарур мебошад ва ин мушкилиҳо аз: надоштани қисми хушкашӯӣ дар БМН, автоклави мутамарказонидашуда, набудани имкониятҳои молиявӣ барои гузаронидани таъмири асосии БМН ва беморхонаҳои рақамӣ ва беморхонаи байни ноҳиявии сил, инчунин норасоии маблағ барои сохтмони бунгоҳҳои тиббӣ, ки дар вагончаҳо фаъолият менамоянд, таъмирталаб будани қисми зиёди марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ, пайваст набудани бештари муассисаҳои тиббӣ ба хатҳои оби нӯшокӣ, вуҷуд надоштани шабакаи гармидиҳии беморхонаҳои рақамӣ, норасоии таҷҳизот, доруворӣ, маҳдудияти қувваи барқ ва баланд шудани арзиши сӯзишворӣ ва ғайраҳо иборат мебошанд.

Дар баробари ин, норасоии дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ, дастгоҳи тадқиқоти ултрасадо, чароғҳои ҷарроҳӣ, комплекси калон ва хӯрди ҷарроҳӣ, яхдони махсус барои нигоҳдории хун ва ҷузъҳои он, дастгоҳи рентгении статсионарӣ бо функсияи рентгеноскопия, гастроскопия, ултрасадо ва таҷҳизотҳои лабораторӣ ва ташхисӣ ба фаъолияти самараноки муассисаҳои тиббии ноҳия монеаҳо эҷод кардааст.

Дар солҳои охир системаи тандурустии ноҳия мувофиқи ислоҳоти системаи идоракунии соҳа мавриди таҷдид қарор гирифта истодааст.

***Ҷадвали №28. Сатҳи маълумотнокии кормандони муассисаҳои тиббии н. Восеъ дар соли 2015 (нафар)***

| *Муассисаҳои тиббӣ* | *Шумораи кормандон ҳамагӣ* | *Маълумоти миёнаи махсус* | *Маълумоти олӣ* |
|---|---|---|---|
| *Муассисаҳои КАТС* | *810* | *716* | *94* |
| *Бо (%) ифодашуда* | *100%* | *88,4%* | *11,6%* |
| *Хадамоти бистарӣ* | *227* | *152* | *75* |
| *Бо (%) ифодашуда* | *100%* | *67%* | *33%* |
| *Ҳамагӣ* | *1037* | *868* | *169* |
| *Бо (%) ифодашуда* | *100%* | *83,7%* | *16,3%* |

Дар ноҳия на ҳамаи муассисаҳои тиббӣ пурра бо кормандон таъмин мебошанд. Дар мавриди ҳозира дар беморхонаи марказӣ табибони дорои маълумоти олӣ, аз қабили табибони амрози занона, эндокринолог, лор, невропотолог, анестезиолог, психолог, реаниматолог, рентгенолог ва табиби таҳлилгар (лаборант) намерасанд.

Дар доираи амалӣ гаштани низоми ислоҳот дар соҳаи тандурустӣ ва татбиқи самараноки «Стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» тайёр намудани мутахассисони соҳаи идора, маблағгузории тандурустӣ дар заминаи Институти такмили ихтисоси кормандони тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле бамаврид аст.

Бо мақсади таъмин намудани муассисаҳои тиббии ноҳия бо мутахассисон дар назди беморхонаи марказӣ соли 2008 тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзишгоҳи тиббии ноҳияи Восеъ таъсис дода шуд, ки шумораи умумии донишҷӯён дар ин даргоҳи ҳунар соли 2015-ум 135 нафарро ташкил намуда, аз ин миқдор 129 нафарашон духтарон мебошанд. Нарасидани мизу курсиҳо, китобҳои дарсӣ, асбобҳои аёнӣ, набудани синфхонаҳо, синфхонаи лабораторӣ, компютерӣ мушкилоти филиали омӯзишгоҳи тиббии ноҳияро хело зиёд намудааст. Бинои омӯзишгоҳи тиббӣ қисман фарсуда буда, барои дар оянда ташкил ва бунёди сохтмони бинои нави омӯзишгоҳи тиббӣ зарурат дорад.

## 3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ

Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ яке аз самтҳои асосии рушди ноҳияи Восеъ ба шумор рафта, аз таъмини шуғли аҳолӣ, таъминоти нафақа, кӯмаку ҷубронҳои молиявии табақаҳои осебпазири аҳолӣ, хизматрасонии суроғавии иҷтимоӣ ва ғайраҳо иборат мебошад.

***3.3.1. Шуғли аҳолӣ.*** Таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ имрӯз дар ноҳияи Восеъ яке аз проблемаи муҳим ба шумор меравад. Аз рӯи маълумотҳо аҳолии ғайри фаъолияти иқтисодӣ тақрибан 41,3%-и аҳолии қобили меҳнатро ташкил менамоянд.

***Ҷадвали №29. Захираҳои меҳнатии ноҳия дар солҳои 2012-2015.***

| Нишондод | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
| Аҳолӣ (нафар) | 190400 | 190900 | 195930 | 200503 |
| Аҳолии қобили меҳнат (нафар) | 104141 | 104400 | 107200 | 108328 |
| Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (нафар) | 61341 | 60804 | 63200 | 63606 |
| Аҳолии ғайри фаъолияти иқтисодӣ (нафар) | 42800 | 43596 | 44000 | 44722 |
| Бекорон (расман ба қайд гирифта шуда) (нафар) | 841 | 841 | 851 | 555 |
| Таъсиси ҷойҳои корӣ (нафар) | 1997 | 3261 | 4189 | 3245 |

Ҳамасола суръати афзоиши миёнаи аҳолӣ 2,4 фоиз ва аҳолии қобили меҳнат бошад 2,26 фоизро ташкил медиҳад. Аз тарафи Шӯъбаи Агентии давлатии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия бо мақсади ташкили ҷойҳои корӣ ба бекорон барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ қарзҳои имтиёзнок пешниҳод карда мешавад, ки дар ҷадвали № 2 оварда шудааст.

***Ҷадвали №30. Қарзҳои имтиёзноке, ки аз ҷониби Шӯъбаи Агентии давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар солҳои 2013-2015 ба бекорон дода шудааст***

| | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 |
| Шумораи қарзгирифтагон (нафар) | 48 | 60 | 63 |
| Ҳамагӣ қарзи додашуда (сомонӣ) | 105720 | 263850 | 267300 |

Дар солҳои охир ҳаҷми қарзҳои ба бекорон додашуда тадриҷан афзояд ҳам, талаботи мавҷударо ба пуррагӣ таъмин карда наметавонад.

Бояд зикр намуд, ки дар соли 2015 дар ноҳия ҳамагӣ 3245 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст, тавассути ярмаркаҳое, ки аз ҷониби Шӯъбаи Агентии давлатии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия барои таъмин намудани аҳолӣ равона шудаанд (13-ярмарка) 93 нафар бекорон бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин шудаанд. Агентии мазкур инчунин дар доираи фаъолияти хеш 200 нафар бекоронро дар соли 2015 ба касбомӯзӣ ҷалб намуда, 32 нафари онҳоро ба корҳои ҷамъиятӣ сафарбар намудааст. Ба пешравиҳо нигоҳ накарда, барои боз ҳам пурзӯр намудани фаъолият омилҳои мавҷуд мебошанд, ки ба самаранокии фаъолияти ташкилот монеагӣ менамоянд.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар ноҳия 62,5 ҳазор нафар бо кор машғул буда, аз он шумораи шахсони бо кори кироя таъминбуда дар соли 2015-ум 17,1 ҳазор нафарро ташкил намуд. Дар пешниҳоди ҷойҳои корӣ нақши соҳаи кишоварзӣ ва маориф назаррас мебошад. Дар ноҳия музди миёнаи кормандони дар рӯйхатбуда дар сатҳи 509 сомонӣ ба қайд гирифта шудааст.

Бояд қайд намуд, музди миёна дар буриши соҳаҳо на он қадар фарқи калон дорад. Музди меҳнати пешниҳодшаванда хароҷоти сабади истеъмолии ба як нафар пешбинишударо ба пуррагӣ фаро гирифта наметавонад. Паст будани музди маош ба паст шудани ҳавасмандии коргарон ва ба иваз намудани фаъолият (муҳоҷирати меҳнатӣ, соҳибкорӣ) ва ё дар як чанд ҷойҳои корӣ фаъолият намудани онҳо сабаб шуда истодааст.

***3.3.2. Муҳоҷирати меҳнатӣ.*** Муҳоҷирати меҳнатӣ дар ноҳия дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ ва ғанӣ намудани буҷети оилавии аҳолӣ нақши аввалиндараҷаро мебозад.

***Ҷадвали № 31. Муҳоҷирати аҳолии ба кор машғулбуда дар солҳои 2013-2015(нафар)***

| *Сол* | *Аҳолии ба машғулбуда* | *Муҳоҷирони меҳнатӣ* | *% аз аҳолии ба машғулбуда* |
|---|---|---|---|
| *2013* | *60804* | *9160* | *15,1* |
| *2014* | *62349* | *10424* | *16,7* |
| *2015* | *62500* | *7258* | *11,6* |

***3.3.3. Таъминоти нафақа ва ҳифзи иҷтимоӣ.*** Қобили зикр аст, ки талаботи нафақа дар як моҳ ба ҳисоби миёна 3490937сомониро ташкил медиҳад, ки 28%-и он аз ҳисоби маблағҳои ҷамъовардашудаи андози иҷтимоии ноҳия ва 72%-и он аз ҳисоби маблағҳои мутамарказонидашудаи ҷумҳуриявӣ пардохта мешавад.

Мувофиқи маълумоти раёсат, шумораи нафақахӯрон дар соли 2015-ум 15842 нафарро ташкил намуд, ки 3,5 % (557 нафар) онҳо бинобар паст будани ҳаҷми нафақа, фаъолияти кории худро давом медиҳанд. Ҳисоби миёнаи нафақа дар ноҳия 220 сомониро ташкил намуд.

***Ҳайати нафақахӯрони н. Восеъ ба ҳолати 01.01.2016***

- Нафақахӯрони пиронсол - 9636 нафар
- Нафақахӯрони хизмати дарозмуддат - 90 нафар
- Нафақахӯрони шахсии моҳияти ҷумҳуриявидошта - 34 нафар
- Нафақаи иҷтимоӣ - 850 нафар
- Нафақахӯрони бесаробонмонда - 1322 нафар
- Маъюбони ҶБВ - 14 нафар
- Иштирокчиёни ҶБВ - 2 нафар
- Оилаҳои бесарубонмондаи маъюбони ҶБВ - 34 нафар
- Маъюбони ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон - 14 нафар
- Оилаҳои бесаробонмондаи ҷанги шаҳрвандӣ - 11 нафар
- Маъюбони ҷанги Афғонистон - 3 нафар
- Маъюбони ҳодисаи Чернобил - 37 нафар
- Маъюбони артиши собиқ Шуравӣ - 40 нафар
- Маъюбони касалиҳои умумӣ - 1912 нафар
- Маъюбони истеҳсолот - 11 нафар
- Маъюбони кӯдаки то 18 сола - 770 нафар
- Маъюбони овони кӯдакӣ - 1062 нафар

***3.3.4. Кӯмаки сурогавии иҷтимоӣ.*** Дар ноҳияи Восеъ маркази хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона мавҷуд мебошад, ки ба аҳолии ноҳия ва махсусан барои шахсони эҳтиёҷманди яккаву танҳои пиронсол, ки дар шароити душвори зиндагӣ қарор доранд хизматрасонии иҷтимоии суроғавӣ пешкаш менамояд. Дар маркази мазкур 22 нафар кормандон фаъолият мекарданд, аз ҷумла 15 нафар занҳо. Аз шумораи умумии кормандони марказ 4 нафар дорои маълумоти олӣ, 1 нафар миёнаи махсус (маълумоти тиббӣ) ва боқимонда 15 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд.

Маоши миёнаи кормандони марказ 774 сомониро ташкил менамояд. Мувофиқи маълумотҳои расмӣ дар марказ 127 нафар пирони барҷомондаи яккаву танҳо, маъюбон ва камбизоатҳо ба қайд гирифта шудаанд. Кормандони марказ дар як ҳафта 2 маротиба ба пиронсолон дар корҳои хоҷагии онҳо, хариди маводи хӯрока ва доруворӣ, ҷомашӯи ва тайёр намудани хӯрок кӯмак мерасонанд. (ҳамагӣ 25 намуди хизматрасонӣ) кормандони иҷтимоӣ, мавҷуд набудани бинои махсус барои хизматрасонии иҷтимоии дастаҷамъомона (ошхона, хизматрасони маишӣ).

Мушкилиҳои асосии маркази мазкур: норасоии кормандони иҷтимоӣ, кормандони дорои маълумоти тиббӣ (махсусан кормандони дорои маълумоти тиббӣ), набудани нақлиёт (автомобил, велосипед, мопед), ҷудо нашудани роҳкиро барои пешкаш намудани хизматрасонии сӯроғавӣ, нокифоя будани маблағҳои ҷудошаванда, камбудӣ ва нарасидани доруворӣ, паст будани маоши кормандон, набудани системаи ҷалби ихтиёриён барои пешкаши кӯмаки сӯроғавӣ махсусан барои пирони барҷомондаи яккаву танҳо, маъюбони бистарӣ, паст шудани шиддати кӯмакҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва сарпарастони маҳаллӣ мавҷуд набудани бинои махсус барои хизматрасонии дастаҷамъона (ошхона, хизматрасонии маишӣ) ва ғайраҳо.

***Ҷадвали №32. Таъминоти маъюбони ноҳияи Восеъ бо воситаҳои ёрирасон аз рӯи категорияҳо***

| *Аз рӯи категорияҳо* | *Шумора (нафар)* | *Таъминот бо воситаҳои ёрирасон* |
|---|---|---|
| *Маъюбони гурӯҳи 1 ва 2* | *23* | *Аробаи маъюбӣ* |
| *Маъюбони гурӯҳи 1, 2 ва 3* | *20* | *Асобағал* |
| *Маъюбони гурӯҳи 2 ва 3* | *30* | *Асои хурд* |

### 3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат

***3.4.1 Фарҳанг.*** Соҳаи фарҳанг яке аз соҳаҳои асосии бахши иҷтимоиёт ба шумор рафта, дар ташакулли тарбияи маънавии аҳолии ноҳия нақши назаррас дорад. Теъдоди кормандони соҳаи фарҳанги ноҳия 127 нафар буда, аз он 73 нафарашон занҳо мебошанд. Аз шумораи умумии кормандони соҳаи дорои маълумоти олии касбӣ 28 нафар, 68 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва боқимонда дорои маълумоти миёна мебошанд.

Мувофиқи маълумоти расмӣ дар соли 2015 дар ноҳияи 54 муассисаи фарҳангӣ ва фароғатӣ, зиёда аз 40 мавзеъҳо ва ёдгориҳои таърихӣ ба қайд гирифта шудаанд. Дар ноҳия инчунин 2 адад чойхона ва 1 адад меҳмонхона мавҷуд мебошад.

***Ҷадвали №33. Муасиссаҳои фарҳангии ноҳияи Восеъ***

| *№* | *Номгӯи муасисса* | *Шумора* |
|---|---|---|
| *1* | *Китобхонаи марказӣ* | *1* |
| *2* | *Китобхонаи шаҳрӣ* | *1* |
| *3* | *Китобхонаи деҳотӣ* | *27* |
| *4* | *Китобхонаи бачагона* | *1* |
| *5* | *Хонаи фарҳанги деҳотӣ* | *6* |
| *6* | *Клуби деҳотӣ* | *15* |
| *7* | *Боги фарҳангӣ* | *1* |
| *8* | *Мактаби санъати бачагона* | *1* |
| | ***Ҳамагӣ:*** | ***54*** |

Мувофиқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ, дар ноҳия зиёда аз 4 гурӯҳи созию овозии касбӣ ва ҳаваскорон фаъолият менамояд. Дар деҳот клубҳои фарҳангӣ ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Инчунин ҷойҳои нишаст надоранд ва ё дар ҳолати фарсуда мебошанд, асбобҳои мусиқии миллӣ ва барқӣ намерасанд ва қисман аз фаъолият боз мондаанд. Дар баъзе ҳолатҳо онҳо аз тарафи гурӯҳҳои ҳаваскори маҳаллӣ истифода мешаванд ва дар онҳо чорабиниҳо гузаронида мешаванд, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Фаъолияти маҳфилҳои эҷодию адабие, ки дар клубҳои деҳот фаъолият менамоянд, аз сабаби маҳдуд будани маблағ ба талабот ҷавобгӯ нест. Аз ин сабаб барои самаранок ҳал намудани ин масъала айни замон ҷалб намудани иқтидори ҷомеа ва соҳибкорон айни муддаост.

Дар ноҳия мактаби санъат мавҷуд мебошад, ки дар он 16 нафар омӯзгорон ба 115 нафар шогирдон дарс меомӯзонанд. Аз шумори омӯзгорон 8 нафар соҳиби маълумоти олии соҳавӣ буда, 8 нафар бо маълумоти миёнаи махсуси соҳавӣ фаъолият мекунанд. Дар мактаб асосан аз рӯи ихтисосҳои фортепиано, рубоб, таблак, ғиҷҷак, най, аккордеон, санъати овозхонӣ, драмавӣ, актиёрӣ ва рассомӣ дарс гузаронида мешавад. Инчунин дар маркази мазкур ба хонандагон ҳамчун фанҳои умумӣ дарси назарияи мусиқӣ, адабиёти мусиқӣ, солфеджио ва хор гузаронида мешавад. Дар фасли зимистон синфхонаҳо ба воситаи печкаҳо бо истифодаи ангишт гарм карда мешаванд. Мушкилоти асосии мактаби санъат ин норасоии асбобҳои мусиқии миллӣ, фортепиано, таъмирталаб будани асбобҳои мавҷуда, фарсуда будани бинои мактаб ба шумор меравад.

Дар ноҳия фонди умумии китбхонаҳо 136552 адад китобро дар бар мегирад, ки аксарияти онҳо китобҳои бо забони русӣ навишташуда мебошанд. Бояд қайд намуд, ки айни замон ба мутахассисони касбии китобхона ноҳия ниёз дорад. Мутахассисони маҳаллӣ ба он ақидаанд, ки имрӯзҳо аксарияти китобхонаҳои деҳот дар биноҳои ҷамоатҳои деҳот ва дигар муассисаҳо қарор дошта, ба меъёрҳои мавҷуда ҷавобгӯ нестанд. Аксарияти китобхонаҳо ба системаи кондитсионӣ, ҷевонҳо, мизу курсиҳо ва дигар таҷҳизоти китобхонавӣ ниёз доранд. Миқдори хонандагони доимӣ дар

китобхонаҳои ноҳия 12112 нафарро ташкил менамояд. Дар китобхонаҳои ноҳия китобҳои тозанашр намерасад. Инчунин мавҷуд набудани системаи ягонаи ба қайдгирӣ ба сабаби набудани компютер мушкилотро зиёдтар намудааст.

Дар ноҳия як осорхона мавҷуд буда, ҳолати он ба талаботи нигоҳдории осорҳо ва пешкаши осорҳо ҷавобгӯ ҳаст, ки дар деҳаи Қурбоншаҳид ҷамоати деҳоти Гулистон ҷойгир мебошад. Барои дар алоҳидагӣ сохтани бинои нави Осорхона дар маркази шаҳрак лоиқи дастгирӣ аст.

Ноҳияи Восеъ аз ҷиҳати ёдгориҳои таърихӣ бой буда, яке аз онҳо қалъаи "Ҳулбук" мебошад. Дар ин мавзеъ дар давраи собиқ шӯравӣ кофтуковҳои археологӣ ва бостоншиносӣ гузаронида шуда, айни замон корҳои азнавбарқароркунии қалъаи мазкур идома дода шуда истодааст ва дар ҳимояи давлат мебошад.

Мушкилиҳои асосии соҳаи фарҳанг:

- ✓ Норасоии асбобҳои мусиқии миллӣ ва барқӣ
- ✓ Мавҷуд набудани студияи сабти овоз ва банаворгирӣ
- ✓ Набудани автоклубҳо барои пешкаш намудани хизматрасонии фарҳангии таъҷилӣ-тарғиботӣ
- ✓ Норасоии таҷҳизоти компютерӣ ва дигар лавозимоти идоравӣ
- ✓ Норасоии мутахассисони касбии дорои маълумоти олӣ (саркоргардони соҳаи театр ва чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ, коргардони овоз, навозандагони карнай, раққосаҳои касбӣ ва ғайраҳо)
- ✓ Ба таъмири асосӣ ниёз доштани клубҳо ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ
- ✓ Дар биноҳои дастгоҳҳои ҷамоат ва дигар муассисаҳо ҷойгир будани китобхонаҳо
- ✓ Норасоии либосҳои театрӣ ва маҳдуд будани маблағ барои хариди онҳо

### *3.5. Варзиш ва сайёҳӣ.*

***3.5.1. Варзиш.*** Дар ноҳияи Восеъ аксарияти ҷавонон ба варзиш машғул буда, чорабиниҳои варзишӣ дар ноҳия аз рӯи намудҳои шоҳмот, футбол, гӯштини миллӣ, дюздо, таэквандо, якҳарбаи шарқӣ, самбо, воллейбол ва варзиши сабук гузаронида мешавад. Дар ноҳия 53 майдони футбол, 44 майдони баскетбол, 73 майдони воллейбол, 22 толорҳои варзишӣ, ва 1 мактаби варзишӣ мавҷуд аст, ки дар он 678 нафар кӯдакон ва наврасон фаро гирифта шудаанд. Дар муассисаҳои варзишӣ аз рӯи ҳамаи намудҳои варзиш 28 нафар мураббӣ кор ва фаъолият менамоянд. Дар ноҳия 65243 нафар ҷавонон зиндагӣ мекунанд, ки 32,5% аҳолии ноҳияро ташкил медиҳад. Аз ин шумора 31070 нафарро писарон ва 34173 нафарро духтарон ташкил менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки иншоотҳои варзишии ноҳия ба талабот ҷавобгӯ набуда, ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доранд.

Аз 193 адад майдонҳои варзишӣ дар ноҳия 48 ададаш дар ҳолати ғайриқаноатбахш, аз 22 толорҳои варзишӣ 12 толор барои барқарорсозӣ ниёз дорад. Ду толори варзишӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, барои азнавсозӣ ниёз дорад.

Инчунин, аксарияти варзишгоҳҳои ноҳия бо таҷҳизотҳои варзишӣ ҷиҳозонида нашудаанд.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

### *4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ.*

Дар соҳаи инфрасохтори ноҳияи Восеъ яке аз мушкилиҳои аввалиндараҷа паст будани сатҳи дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокии хушсифат ба шумор меравад. Аз шумораи умумии аҳолӣ танҳо 42106 нафар (21%) ба оби хушсифати нӯшокӣ дастрасӣ дошта, 79% аҳолӣ ба он дастрасӣ надоранд. Аз шумораи умумии аҳолии

ҳудуди шаҳраки Восеъ 21568 нафар (ё 93%) ва аз шумораи умумии аҳолии деҳот танҳо 20391 нафар (ё 11,5%) ба воситаи корхонаи фаръи давлатии “Обу канализатсия” бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин карда мешавад. Аҳолии боқимондаи ноҳия оби нӯшокиро аз ҳисоби насосҳои обкашии дастӣ, ҷоҳҳои амудӣ ва ҷӯйҳою наҳрҳо истифода мебаранд, ки сифати оби он ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ нест ва хатари сар задании бемориҳои сироятиро дар байни аҳолӣ дучанд менамояд. Таъминоти оби нӯшокӣ дар ноҳия ба воситаи Корхонаи фаръии давлатии “Обу канализатсия” ба роҳ монда шудааст. Дарозии умумии қубурҳои шабакаи обтаъминкунии шаҳрак ҳамагӣ 40,2 км-ро ташкил медиҳад. Дар тавозуни корхонаи зикргардида иншоотҳои шабакаи обтаъминкунии шаҳраки Восеъ, иборат аз 7 пойгоҳи обкашии (5 адад тамғаи ЭЦВ ва 2 адад тамғаи “Грундфос”) ва як манораи обтамъинкунии ҳаҷмаш 100 м3, инчунин 22 чоҳи амудӣ, 24 насоси обкашӣ, 380 км қубурҳои обгузар, 1 обанбори ҳаҷмаш 1000 $м^3$ воқеъ дар Учхоз, 1 обанбори ҳаҷмаш 1000 м3 воқеъ дар деҳаи Файзобод, 1 обанбори ҳаҷмаш 500 м3 воқеъ дар деҳаи Гулистон, 4 манораи обтаъминкунӣ воқеъ дар деҳаҳои Саъдулло Шарифов, Файзобод, Оқҷар ва Чуқурак, 2 насосҳои марказгурез воқеъ дар деҳаи Гулистон иборат мебошад.

***Ҷадвали №34. Ҳолати мавҷудаи насосҳои обкашӣ***

| *№* | *Мавзеъи обрасонӣ* | *Насосҳои обкашӣ* | | |
|---|---|---|---|---|
| | | *Теъдод (адад)* | *Аз ҷумла коршоям* | *Аз ҷумла корношоям* |
| *1* | Марказ | *1* | *1* | - |
| *2* | Учхоз | *4* | *4* | - |
| *3* | Литсейи касбӣ-техникӣ | *1* | *1* | - |
| *4* | Маҳаллаи Бобоҷон Ғафуров | *1* | *1* | - |
| *5* | Назди идораи КУМО | *1* | *1* | - |
| *6* | Кӯчаи Турсунзода | *1* | *1* | - |
| *7* | д. Тосқалъа | *1* | *1* | - |
| *8* | д. Арал | *1* | *1* | - |
| *9* | д. Чуқурак | *1* | *1* | - |
| *10* | д. Куйбишев | *1* | *1* | - |
| *11* | д. Оқҷари 1 | *1* | *1* | - |
| *12* | д. Оқҷари 2 | *1* | *1* | - |
| *13* | д. Саъдуллои Шариф | *1* | *1* | - |
| *14* | д. Хонаи маъюбон | *1* | *1* | - |
| *15* | д. Ҷавонон | *1* | *1* | - |
| *16* | д. Ҷаврез | *1* | - | *1* |
| *17* | д. Восеъобод | *1* | - | *1* |
| *18* | д. Навбаҳор | *1* | *1* | - |
| *19* | д. Сулҳобод | *1* | *1* | - |
| *20* | д. Баҳористон | *1* | *1* | - |
| *21* | д. Ҳ.Барот | *1* | *1* | - |
| *22* | д. Қайнар (марказгурез) | *1* | *1* | - |
| *23* | д. Гулистон (марказгурез) | *1* | *1* | - |
| | *Ҷамъ:* | *26* | *24* | *2* |

Пойгоҳҳои обкашии ноҳия асосан солҳои 1955-1986 сохта шуда, обро аз чуқурии 75-185 м дастрас менамоянд. Истеҳсоли солонаи оби нушокӣ дар ноҳия 857 ҳазор $м^3$-ро ташкил медиҳад ва он тавассути дозаторҳои махсус хлорнок гардонида шуда, тавассути қубурҳои магистралии диаметраш аз 50 то 500 мм, ба аҳолӣ дастрас гардонида мешавад. Талаботи солонаи хлор 9,1 тоннаро ташкил медиҳад. Сифати оби нӯшокии тавассути шабакаи обтаъминкунии шаҳраки Восеъ таъминшаванда ба талаботи муқаррарӣ ҷавобгӯ мебошад. Бинобар солҳои тӯлонӣ мавриди истифода қарор гирифтан ва сари вақт аз таъмири асосӣ нагузаштан, таҷҳизот ва қубурҳои мавҷуда фарсуда гардида ба таъмир ва ё иваз намудан эҳтиёҷ доранд.

***Ҷадвали №35. Нишондиҳандаҳои хизматрасонии соҳа дар тӯли солҳои 2012-2015.***

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 |
| 1 | *Шумораи умумии муштариён, аз ҷумла* | | | | |
| | *Аҳолӣ* | *нафар* | *2598* | *17000* | *35767* |
| | *- ташкилотҳои буҷавӣ* | *адад* | *30* | *30* | *30* |
| | *- ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ* | *адад* | *3* | *3* | *14* |
| 2 | *Пардохти ҳаққи истифодаи об, аз ҷумла,* | | | *579* | *650,8* |
| | *- аҳолӣ* | *ҳазор сомонӣ* | *49,9* | *511,5* | *530,2* |
| | *- ташкилотҳои буҷавӣ* | *ҳазор сомонӣ* | *13,3* | *64* | *95,1* |
| | *- ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ* | *ҳазор сомонӣ* | *3,0* | *3,5* | *23,2* |
| 3 | *Қарзи муштариҳо дар назди корхона,* | | | | |
| | *- аҳолӣ* | *ҳазор сомонӣ* | *1,9* | *-* | *146,1* |
| | *ташкилотҳои буҷавӣ* | *ҳазор сомонӣ* | *2,7* | *34* | *47,7* |
| | *- ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ* | *ҳазор сомонӣ* | *-* | *-* | *1,5* |
| 4 | *Нархи об (1 м$^3$)* | | | | |
| | *- аҳолӣ* | *дирам* | *70* | *75* | *75* |
| | *- ташкилотҳои буҷавӣ* | *дирам* | *100* | *165* | *165* |
| | *- ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ* | *дирам* | *200* | *285* | *285* |
| 5 | *Истеҳсоли шабонарӯзии об* | *ҳазор м$^3$* | *0,7* | | *2,8* |
| 6 | *Талафоти умумӣ* | *%* | *15* | | |

Яке аз сабабҳои асосии қарздории аҳолӣ дар назди хоҷагӣ ин паст гардидани қобилияти пардохтпазирии онҳо мебошад. Сабабҳои асосии баланд будани талафот, агар аз як тараф, кӯҳнаю фарсуда будани қубурҳои мавҷуда бошад, аз дигар тараф, набудани ҷумакҳо ва ҳисобкунакҳои обченкунӣ дар байни аҳолӣ мебошад. Дар ҷамоатҳои деҳоти Гулистон, М.Маҳмадалиев, М.Вайсов ва Х.Раҷабов аҳолӣ оби каналу дарё ва наҳру ҷӯйборҳоро истифода мебаранд, ки ин сарчашмаи асосии барангезандаи бемориҳои сироятӣ мебошанд. Махсусан аҳолии деҳаҳои Шурқишлоқ, Селбур, Шӯрак, Гулдара, Баҳористон, Гулафшон, Истиқлол, Чорводорон, Гулруд, Заркорон, Шӯрчашма, Лархобӣ, Файзов, Навобод, Чордара ва қисмати болоии деҳаи Қурбоншаҳид аз норасогии оби тозаи нӯшокӣ танқисӣ мекашанд.

***Ҷадвали №36. Сатҳи обрасонӣ ба аҳолии маркази ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот***

| № | Шумораи аҳолӣ аз рӯи ҷамоатҳо | Теъдоди хонаводаҳо | Шумораи аҳолӣ | Аҳолии бо оби тозаи нӯшокӣ дастрасӣ дошта | Аҳолие, ки бо оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд. | % таъминот (дастрасӣ) бо оби нӯшокӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шаҳраки Восеъ | 3258 | 23191 | 21861 | 1330 | 94% |
| 2 | Гулистон | 2901 | 25294 | 5793 | 19501 | 23% |
| 3 | М.Маҳмадалиев | 3382 | 33334 | 6823 | 26511 | 20% |
| 4 | А. Авазов | 2269 | 20005 | 1912 | 18093 | 10% |
| 5 | М.Вайсов | 3363 | 31947 | 1417 | 30530 | 4% |
| 6 | А.Рудакӣ | 1014 | 10003 | 1446 | 8557 | 14% |
| 7 | Х.Раҷабов | 3251 | 25611 | 1190 | 24421 | 5% |
| 8 | Тугарак | 3214 | 31118 | 1915 | 29203 | 6% |
| | Ҷамъ: | 22652 | 200503 | 42359 | 158144 | 21% |

Бо мақсади татбиқи «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №514 аз 2 январи соли 2006) барои маркази ноҳияи Восеъ барқарорсозии иншоотҳо ва қубурҳои мавҷудаи обтаъминкунӣ, таҷдиду азнавсозии хатҳои обгузар пешбинӣ гардидааст. Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ дар доираи Барномаи номбурда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 33320

ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз ин 3332 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ, 4998 ҳазор сомонӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ, 23324 ҳазор сомонӣ ба сармояи хориҷӣ ва 1666 аз ҳисоби пардохти ҳаққи хизматрасонии об рост меояд. Иҷроиши қарори зикргардида тайи солҳои солҳои 2008-2014 дар ноҳияи Восеъ 81,8%-ро ташкил дода, дар доираи қарори мазкур барои таъмини аҳолии ноҳия бо оби нӯшокии тоза аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 6500 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки аз ин 9 ҳазор сомонӣ аз буҷети маҳаллӣ, 69 ҳазор сомонӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ, 2987,8 ҳазор сомонӣ ба сармояи хориҷӣ ва 112 ҳазор аз ҳисоби истифодабарандагони об рост меояд. Дар сурати сари вақт ҷудо гардидани маблағҳои пешбинӣ гардида ва татбиқи самараноки лоиҳаҳо сифати таъминоти оби нӯшокӣ дар ноҳия беҳтар гардида, зиёда аз 11,7 ҳазор нафар аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин мегардад.

Илова бар ин сари вақт нагузаронидани ташхис ва безарар гардонидани оби ошомиданӣ дар асоси технологияи муосир боиси паҳн шудани касалиҳои сироятӣ мегардад.

*Мушкилии асосии соҳаи таъминоти оби нӯшокӣ:*

- *Талафоти аз меъёр зиёди (22,5%) оби нӯшокӣ,*
- *Саривақт пардохт нагардидани ҳаққи хизмати обрасонӣ аз ҷониби истифодабарандагон,*
- *Ҳолати ғайриқаноъатбахши таъминоти иншооти обтаъминкунӣ бо нерӯи барқ,*
- *Ҳолати ғайриқаноатбахши техникии иншоотҳои обтаъминкунӣ (зиёда аз 75 % иншоотхои обтаъминкунии мавҷуда фарсуда гардидаанд);*
- *Нарасидани таҷҳизотҳои барқии қудратнок ва гидромеханикӣ;*
- *Вуҷуд надоштани баҳисобгирии дақиқи истифодабарии об ва обченкунакҳо.*
- *Заминаи пасти моддию техникии КФД «Об ва канализатсия»*
- *Дар ҳолати кушод қарор доштани пойгоҳҳои обкашӣ ва аз таъсири барфу борон фарсудашавии онҳо,*
- *Фарсудагии 30 км қубурҳои магистралии диаметраш 50 то 275 мм,*
- *аз тарафи аҳолӣ худсарона ва ғайриқонунӣ пайваст намудани хати об ба қубурҳои магистралии ҳудуди кӯчаҳои шаҳрак, ки ба корношоямии он оварда расонидааст.*
- *Фарсуда будани бинои идораи КФД «Об ва канализатсия»,*
- *Мавҷуд набудани ҳавзи обтаъминкунии гунҷоишаш 1000 м3 ва зарурияти сохтмони он,*
- *Шароитҳои омехта намудани маҳлули «хлор» паст буда, ба таври дастӣ иҷро карда мешавад*
- *Дар қубурҳои магистралии обгузар мавҷуд набудани воситаи ҳимояи дастгоҳ аз зарбаи об (обратный клапан),*
- *Таъмирталаб гаштани зеристгоҳҳои барқӣ, бинои нигоҳдорию истифодаи маҳлули «хлор» ва бинои хизматӣ,*
- *Зарурияти насби як адад трансформатори иловагӣ.*

Дар ноҳияи Восеъ аз тарафи КФД «Об ва канализатсия» 4010 нуқтаи оби нӯшокӣ ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла шаҳраки Восеъ 2760 адад ва дар деҳот 1250 адад, ки тавассути он зиёда аз 41 ҳазор аҳолӣ бо оби нӯшокии хушсифат таъмин карда мешавад. Дар соли 2015 ҳаққи пардохти 1 м3 об барои аҳолӣ 0,75 сомонӣ, барои корхонаҳои буҷетӣ 1,4 сомонӣ ва барои муассисаҳои ғайрибуҷетӣ 2,8 сомонӣ (бо назардошти андоз аз арзиши иловашуда) муайян гардидааст.

Мувофиқи маълумоти расмӣ дар ҷамъбасти соли 2015, қарзи дебитории КФД «Об ва канализатсия»-и ноҳияи Восеъ 195,3 ҳазор сомонӣ аз ҷумла аҳолӣ 146,1 ҳазор сомонӣ ва қарзи кредиторӣ бошад 329,8 ҳазор сомониро ташкил намуд (аз ҷумла 219 ҳазор сомонии он қарзи андоз ва ҷаримаҳои он мебошад). Мушкилиҳои асосии идоравие, ки ба беҳтар шудани таъминоти оби нӯшокӣ монеъ мешаванд, нокифоя

будани ҳаҷми буҷети корхона ва маблағҳои ҷудошаванда, ба пуррагӣ пардохт нашудани ҳаққи обтаъминкунӣ аз тарафи муштариён, набудани обченкунакҳо, зуд-зуд аз кор баромадани таҷҳизот ва хатҳои обтаъминкунӣ, ки таъмири он маблағҳои зиёдеро талаб менамояд, қарздории корхонаи обтаъминкунӣ аз идораи барқ ва андоз, паст будани ҳавасмандии коргарон бинобар паст будани музди меҳнати онҳо, мебошанд.

Бояд қайд кард, ки дар ноҳия хати ташноб (канализатсия) ва иншооти тозакунанда мавҷуд нест, ҳол он ки дар маркази шаҳраки Восеъ 40 адад хонаҳои истиқоматӣ (аз ҷумла 2 адади он хонаҳои 4 ошёна ва 38 адади он хонаҳои 2 ошёна мебошанд), инчунин биноҳои зиёди иҷтимоию маишӣ, беморхона, мактабҳо марказҳои савдо ва ғайра мавҷуданд. Бо назардошти рушди демографӣ, иншоотҳои мавҷудаю минбаъд сохташаванда ва талаботҳои санитарию беҳдоштӣ дар давоми солҳои 2016-2020 маркази ноҳия ба сохтмони хатти ташноб, иншооти тозакунанда ва ба барқарорсозии шабакаи гармидиҳии мутамарказ эҳтиёҷ дорад.

### 4.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ.

***4.2.1. Партовҳо.*** Дар ноҳияи Восеъ барои тоза намудани кӯчаву хиёбонҳои аз партовҳо ва кашонидани партовҳо, нигоҳдории фонди манзил, тозагии санитарӣ, таъмири шабакаи равшандиҳии кӯчаҳо ва ободонию кабудизоркунӣ ба зиммаи Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» вогузор гардидааст.

Муассисаи мазкур асосан ба 808 хоҷагӣ ё 22,9 фоизи ҳоҷагиҳои шаҳрак (5310 нафар аҳолӣ), ба 19 ташкилоти буҷетӣ, 85 нуқтаҳои тиҷоратию маишӣ ва ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ, муассисаҳои шаҳраки Восеъ тибқи шартнома хизматрасонӣ менамояд. Сабаби асосии пурра фаро гирифта нашудани хоҷагиҳои ноҳия ба хизматрасонии коммуналӣ, нокифоягии иқтидори техникию имкониятҳои корхона ва набудани шартномаҳои тарафайн мебошад. Маҳдудияти имкониятҳои молиявии корхона маҳдуд буда, маблағгузории он дар соли 2015 ҳамагӣ 360 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки он барои пардохти музди меҳнат ва андозҳо сарф гаштааст.

Пардохти ҳаққи истифодаи хизматрасонии коммуналӣ дар соли 2015 – 707,8 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2013 ба андозаи 221,3 ҳазор сомонӣ ва ё 45,5 фоиз зиёд мебошад.

Маблағҳои хизматрасонии коммуналӣ барои пурра ҳал намудани ҳамаи корҳои ба зимма гузошташуда ғайри имкон буда, барои таъмири роҳу роҳравҳо ва дигар иншоотҳо маблағ ҷудо карда намешавад. Ба ин нигоҳ накарда бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ҳамасола ба қадри имкон роҳу роҳравҳо таъмир карда мешаванд.

Ҳаҷми миёнаи партовҳои маишӣ ба сари ҳар як истиқоматкунандаи маркази ноҳия дар тӯли солҳои 2013-2015 ба ҳисоби миёна 1,59 $м^3$ - ро ташкил додааст.

Ҳаҷми умумии партовҳои аз ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳои буҷетию ғайрибуҷетии ноҳия баровардашаванда 41%-и ҳаҷми умумии партовҳои сахти маиширо ташкил медиҳад.



Дар панҷ соли минбаъда фаъолияти корхонаи мазкур бояд ба ҳаллу фасли мушкилиҳои асосии соҳа, аз ҷумла баланд намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ, бартараф намудани норасогии техникаи коммуналии ҳозиразамон тавассути ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ харидорӣ намудани техника, кам будани қуттиҳои партовҷамъкунӣ тавассути зиёд намудани шумораи қуттиҳо, фарсуда ва таъмирталаб гардидани шабакаҳои таъминоти об тавассути таҷдиду азнавсозӣ, паст будани музди меҳнати коргарон тавассути беҳтар намудани ҳавасмандгардонӣ мебошад. Инчунин нархи баланди сӯзишворӣ низ боиси баланд гаштани нархи хизматрасонӣ мегардад.

Партовгоҳи марказии ноҳияи Восеъ дар масофаи 13 км дур аз маркази ноҳия ҷойгир шуда, масоҳати умумии он ба 1,2 га баробар аст ва то кунун гирду атрофи он девори иҳотавӣ надошта, дар мавсими тирамоҳу зимистон роҳи хокии он мушкилгузар мешавад. Партовгоҳ ба меъёрҳо ҷавобгӯ бошад, ҳам аз сабаби дур ҷойгир будан ва нарасидани техникаҳо самаранок истифода намешавад, дар он барои гуронидани ҷасадҳои ҳайвонот чуқурии махсус пешбинӣ нашудааст.

Дар шаҳрак 23 партовгоҳ ташкил карда шудааст, ки ба аҳолӣ хизмат мерасонад. Инчунин 60 адад қуттии партовҷамъкунӣ дар ҷойҳои махсус гузошта шудааст, аммо нуқтаҳои партовпартоии мавҷуда талаботи имрӯзаро қонеъ гардонида наметавонад ва айни замон зарурати сохтмони нуқтаҳои нав ба миён омада, каналу ҷӯйҳои обпарто низ ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доранд.

Барои беҳтар ва ташкил намудани хизматрасонии коммуналӣ дар деҳот чораҳои лозимӣ андешида шуда истодаанд. Набудани партовгоҳҳо ва ҷойҳои махсуси несту нобуд кардани онҳо дар сатҳи деҳот ба ҳолати эпидемиологии ноҳия таъсири манфии худро расонида истодааст.

Техникаи мавҷудаи корхонаи манзилию коммуналӣ аз 1 адад автомошинаи партовкашонии КАМАЗ, 1 адад автомашинаи обпошии КАМАЗ, 2 адад мини трактори чинӣ ва механизмҳои дигар фарсудаю корношоям гардидаанд, аз ин лиҳоз, корхона ҳангоми кашонидани ПСМ ба мушкилотҳои зиёд дучор мегардад.

Инчунин дар тавозуни Корхонаи фаръии давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" 4 км роҳҳои пиёдагард, 4 км каналҳои обпарто ва 1,2 га партовгоҳи марказӣ қарор дорад. Масоҳати умумии кабудизоркунӣ 1,4 га - ро ташкил медиҳад.

Мушкилии дигаре, ки дар ин самт ба назар мерасад, норасогии воситаҳои техникӣ (мошинҳои обпошак), нарасидани воситаҳои молиявӣ, низоми сусти мониторинг ва истифодаи усулҳои пешқадами парвариш ва нигоҳубини ниҳолҳо ва дигар гулҳои ороишӣ мебошад.

Дар солҳои охир тамоюли афзоиши ҳаҷми партовҳои сахти маишӣ ба назар мерасад, ки сабаби он афзоиши табиии аҳолӣ, ва корхонаву муассисаҳо ва бахши савдо ва хизматрасонӣ мебошад. Ҷамъоварӣ ва нест кардани партовҳо имрӯз барои ноҳия яке аз мушкилиҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад.

*Мушкилиҳои асосии соҳа.* Шартнома надоштани аҳолии боқимондаи шаҳраки Восеъ бо корхонаи мазкур ва дастрасӣ надоштани аҳолии ҷамоатҳои деҳот ба хизматрасониҳои коммуналӣ, норасоии техникаи махсуси партовҷамъкунӣ, автомашинаҳои «гидрорукав», заминкан, боркаш, обпошак, «мехлопата», контейнерҳо барои партовҳо, набудани шабакаи таъминоти гармӣ, таъмирталаб гаштани болопуши хонаҳои мавҷуда мебошад. Дар ноҳия ҳаҷми зиёди партовҳоро партовҳои сахти маишӣ ташкил менамоянд ва ин мушкилот аз ҳама бештар дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот ба назар мерасад. Муассисаи коммуналии ноҳия, ки бевосита ба ин корҳо мутасаддӣ мебошад, бо назардошти имкониятҳои маҳдуди молиявӣ ва техникӣ, иқтидори дар сатҳи ҷамоатҳо ҳал намудани ин мушкилиро надорад.

Аз ин лиҳоз барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта дар сатҳи ҷамоатҳои деҳоти ноҳия муассисаҳои коммуналӣ таъсис дода шудааст, ки таъминоти онҳо бо техникаҳои лозима мувофиқи мақсад мебошад.

***4.2.2. Таъминоти манзил.*** Таъминоти аҳолии ноҳия бо манзил барои мақомоти идоракунӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад. Айни замон дар ноҳияи Восеъ зиёда аз 3000 аризаи шаҳрвандон барои таъмини замини назди ҳавлигӣ ба қайд гирифта шудааст. Бояд қайд намуд, ки сохтмони иншоотҳои манзилӣ ва ғайраҳо дар асоси нақшаи генералии ноҳияи Восеъ ба роҳ монда мешавад ва он аз ҷониби Бахши меъморӣ ва шаҳрсозии ноҳия ба танзим даровара мешавад.

**4.3. Таъмини барқ.**

Аҳолӣ ва корхонаву муассисаҳои ноҳияи Восеъ ба пуррагӣ бо хатти барқ таъмин мебошанд. Бояд қайд намуд, ки бинобар суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ, таъсиси корхонаҳои саноатӣ, набудани системаи алтернативии энергетикӣ талабот ба қувваи барқ рӯз аз рӯз зиёд гардидааст. Иқтидорҳои мавҷудаи системаи барқрасонии ноҳия ба сарбории ба вуҷуд омадаи қувваи барқ тобовар нест (махсусан дар мавсими зимистон), ки он сабаби афзоиши ҳолатҳои садамавии иншоотҳои таҷҳизоти барқ шуда истодааст.

Таъминоти барқро дар ноҳия «Шабакаҳои барқии ноҳияи Восеъ», ки зертобеъи ҶСК «Шабакаҳои барқии минтақаи Кӯлоб» мебошад ба зимма дорад. Дар тавозуни корхона 3 зеристгоҳҳои барқии иқтидораш 110/35/6кВ (зеристгоҳҳои барқии Тосқалъа, Қизил-Су ва Кӯлобдарё) ва 6 зеристгоҳҳои барқии иқтидори 35/10кВ ба қайд гирифта шудаанд. Зеристгоҳҳои мазкур дар ҳудуди шаҳраки Восеъ, деҳаҳои Охҷар, Қурбоншаҳид, 2 адад дар деҳаи Ҷаврез, Таги намак ҷойгир шудаанд. Инчунин дар тавозуни корхонаи номбурда 259 адад ЗИБ 10/04 кв мавҷуд аст.

Дарозии умумии хатҳои барқрасонии ноҳия 10 кВ – 585 км ва 0,4 кВ – 1064 км ро ташкил медиҳад. Дарозии хатҳои барқрасонӣ, паст будани шиддатнокии барқ, номувофиқ ва фарсуда будани тамғаи симҳои барқӣ мушкилоти таъминоти самараноки қувваи барқ ва талафоти зиёди онро ба вуҷуд овардааст.

Бо назардошти рушди демографӣ ва ба истифода супоридани иншоотҳои саноатию иҷтимоӣ дар панҷ соли минбаъда, яке аз афзалиятҳои асосии соҳаи таъминоти барқ дар ноҳияи Восеъ иваз намудани симу симчӯбҳои фарсуда, зеристгоҳҳои барқии 110/35-10 кВ дорои 2 адад трансформатори тавоноиаш 16000 кВА ба 2 адад трансформатори тавоноиаш 25000 кВА ва иваз намудани 1 адад зеристгоҳи барқии 35/10 кВ «Мироб» ба 110/10 кВ бо гузоштани 2 адад трансформатори 16000 кВА дар шаҳраки Восеъ, дар деҳаи Кадучӣ зеристгоҳи барқии 35/10 кВ бо гузоштани 2 адад трансформатори 630 кВА, дар деҳаи Чорводор зеристгоҳи барқии 110/10 кВ бо гузоштани 2 адад трансформатори 630 кВА, дар деҳаи Раҳмонбердӣ зеристгоҳи барқии 35/10 кВ бо гузоштани 2 адад трансформатори 630 кВА инчунин насб намудани зеристгоҳҳои барқии иловагӣ дар ҳудуди иншоотҳои пешбинишуда (варзишгоҳи марказӣ, ҳавзи шиноварӣ, терминали муосири мусофиркашонӣ, меҳмонхона, корхонаҳои хурди нави саноатӣ ва марказҳои нави савдою хизматрасонӣ), ҳамзамон насби 6 адад трансформаторҳои иловагии 10/0,4 кВ дар кӯчаҳои Мичурин, Вайсов, Ҷомӣ, Қараев, Амиршоев ва деҳаи Тугарак мебошад.

***Ҷадвали 37. Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи таъминоти барқ дар ноҳияи Восеъ дар солҳои 2012-2015.***

| № | *Нишондодҳо* | *Ченак* | *солҳо* | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
| *1* | *Фурӯши қувваи барқ* | *ҳ.сомони* | *6237,2* | *6792,86* | *8616,91* | *9662,43* |
| *2* | *Ҳаҷми умумии қувваи барқи фурӯхташуда* | *ҳ.кВт/с* | *106922,5* | *108223,53* | *114402,88* | *134318,56* |
| *3* | *Аз он ҷумла аҳолӣ* | *ҳ.сомони* | *4359,84* | *5299,85* | *5788,47* | *6450,89* |
| *4* | *-ташкилотҳои буҷетӣ* | *ҳ.сомони* | *1729,59* | *1997,92* | *2239,56* | *2463,23* |
| *5* | *-ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ* | *ҳ.сомони* | *438,77* | *469,99* | *506,81* | *667,45* |
| - | *Ҳаҷми умумӣ* | *ҳ.кВт/с* | *6528,2* | *7767,76* | *8534,84* | *9581,57* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 6 | *Арзиш 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна):* | *дирам* | | | | |
| | *- аҳолӣ* | *дирам* | *11* | *11* | *12,6* | *12,6* |
| | *-ташкилотҳои буҷетӣ* | *дирам* | *31,42* | *31,42* | *36,1* | *36,1* |
| | *-ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ* | *дирам* | *31,42* | *31,42* | *36,1* | *36,1* |
| 7 | *Қарзи умумии муштариён, аз он ҷумла:* | *ҳ.сомони* | | | | |
| | *- аҳолӣ* | *ҳ.сомони* | *2364,4* | *4412,7* | *6304,76* | *8933,88* |
| 8 | *-талафоти умумӣ* | *ҳ.кВт/с* | *14134,7* | *17845,1* | *19887,47* | *22287,24* |
| | *-талафоти умумӣ* | *%* | *14,80%* | *16,50%* | *14,80%* | *14,23%* |

Айни замон мушкилиҳое ба мисли қарздории муштариён аз рӯи пардохти ҳаққи таъминоти барқ, ҳавасманд набудани аҳолӣ барои иваз намудани ҳисобкунакҳои механикӣ ба рақамӣ, фарсудашудан ва норасоии симу симчубҳо, трансформаторҳо, таҷҳизот ва лавозимоти санҷишии қувваи барқ ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ набудани тавоноии зеристгоҳҳои барқӣ, норасоии техникаи борбардор ва боркаш, маҳдудияти маблағ сади роҳи рушди соҳаи мазкур шуда истодааст.

**4.4. Нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо.**

***4.4.1. Роҳҳо***. Роҳҳои ноҳияро «Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди н. Восеъ» хизмат мерасонад, ки он дар тобеи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Муассисаи мазкур ҳамагӣ 273 км роҳҳоро хизмат мерасонад, аз он ҷумла роҳҳои байналмиллӣ 42 км, роҳҳои ҷумҳуриявӣ 67 км, роҳҳои маҳаллӣ 164 км. Дар тавозуни муассиса инчунин 61 адад пул бо дарозии 1244 метр ба қайд гирифта шудааст. Инчунин 21 км роҳҳои кӯчаҳои маркази шаҳраки Восеъ мавҷуданд, ки дар тавозуни КФД «ХМК»-и ноҳия қарор дошта, соли 2014 таъмири асосии тақрибан 5 километри он ба маблағи беш аз 6 миллион сомонӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба анҷом расонида шуд. Айни замон дар ҳудуди ноҳия азнавсозии 40 км роҳи автомобилгарди аҳамияти ҷумҳуриявидоштаи Восеъ-Ховалинг аз ҳисоби сармояи хориҷии Ҷумҳурии халқии Чин бо маблағи 100 млн доллари ИМА идома дошта, анҷоми он дар соли 2016 пешбинӣ гардидааст. Бояд зикр намуд, ки бо назардошти солҳои тӯлони истифода гаштани роҳҳо ҳолати техникии роҳҳои автомобилгарди ноҳия 80% ба таъмири асосӣ ва 20% ба таъмири ҷорӣ ниёз доранд. Пулҳои мавҷуда низ дар ҳолати на он қадар қаноатбахш қарор дошта, ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

*Мушкилиҳои бахши нақлиёт ва роҳдории ноҳия*, хусусан муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард чунинанд:

- Норасоии техника, аз ҷумла техникаҳои заминкан ва боркаш (самосвал),
- Ба таъмир ниёз доштани роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявидоштаи Тугарак-Саричашма- 6 км, Қурбоншаҳид-Темурмалик-21км.
- Ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доштани қитъаи ноҳиявии роҳи аҳамияти Байналмилалидоштаи Душанбе-Кулоб-Хоруғ (участкаҳои аз 161-ум км то 171-ум км).
- Ба таъмир ниёз доштани 10,8 км роҳҳои маҳаллии Хлопзавод-Қарағоч, 8 км роҳи Тугарак-Лархобӣ-Боғи нав, 6 км роҳи Чуқурак-Санатория ва 6,2 км Роҳи калон-Деҳаи Ғаллазор.
- Норасоии битум (250 тонна) барои гузаронидани таъмири роҳҳо.
- Норасоии қисмҳои эҳтиётии техникаи роҳсозӣ.
- Мавҷуд набудани коргоҳи муосири истеҳсоли рег, сангреза ва мум (асфалт) дар ҳудуди ноҳияи Восеъ.

Дар тавозуни муассиса айни замон 2 адад экскаватор ЭО 2621 ва Экскватори Самсунг, 1 адад автомашинаи чинии борбардориаш 8 тонна, 2 адад автогрейдери ГР 135 ва ДЗ-201, боркунакии фронталӣ ЛВ 321- 1 адад, автомашинаи обкаш 1 адад, 2 адад автомашинаи хизматии Тойота РАФ 4 ва автомашинаи Газел, 2 адад автомашинаи боркаши ЗИЛ ММЗ ва 2 адад трактори Т 28 мавҷуд мебошад.

**4.4.2. Нақлиёт**.

Дар ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2016 ҳамагӣ 3818 автомашина, аз он ҷумла 3762 адад автомашинаҳои шахсӣ ва 56 адад автомашинаҳои давлатӣ ба қайд гирифта шудааст. Инчунин дар ноҳия 42 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, аз ҷумла 27 адад нуқтаҳои фурӯши гази моеъ мавҷуд мебошад.

Дар ноҳия терминали мусофирбарии «Саиди Абдуҷаббор» фаъолият менамояд ва танзими ҳаракати нақлиёти мусофиркашонро ба уҳда дорад. Айни замон ба марказҳои ҷамоатҳо хатсайрҳои нақлиётӣ кушода шудааст, инчунин соҳибкорони маҳаллӣ хизмати аҳолиро ба ҷо меоваранд.

Мушкилоти соҳа аз набудани мақомоти танзимкунандаи нақлиёт дар ноҳия, назорати сустии хадамоти давлатии назорати нақлиёт, ба талабот ҷавобгӯ набудани роҳҳои автомобилгард ва техникаи мусофиркаш, аз ҳад зиёд шудани воситаҳои нақлиёт иборат мебошад.

**4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ.**

Дар соҳаи алоқа ва фазои иттилотии ноҳия, шӯъбаи ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком» ҳамчун корхонаи асосии соҳаи алоқа ба шумор меравад. Корхона бо таҷҳизотҳои замонавӣ таъмин буда, тавассути он ба ноҳия хатти алоқаи нурию нахӣ кашида шудааст, ки имкон медиҳад муштариён ба алоқаи интернетӣ ва почтаи электронӣ пайваст шаванд.

Аҳолии ноҳия аз хизматрасониҳои ширкатҳои алоқаи мобилӣ, аз ҷумла Мегафон-Тоҷикистон, Билайн, Вавилон ва Тселл истифода менамоянд. Дар ноҳия шабакаи пахши мавҷҳои телевизионӣ амал менамояд, ки аҳолии ноҳияро аз тамошои барномаҳои телевизиони «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо», «Шабакаи аввал», ТВ Кӯлоб, «ТВ-Хатлон» ва ТВ «Мавҷи озод» бархурдор менамояд.

Ноҳия дорои рӯзномаи «Гулхани Восеъ» мебошад. Рӯзнома ҳафтае як маротиба бо теъдоди 1200 нусха нашр мешавад. Баробари ин шароити зарурии кори рӯзнома мувофиқи мақсад набуда, мизу курсӣ ва ҷевону шкафҳо намерасанд. Он ҷиҳози мавҷуда низ аз соли 1981-1985 буда, кӯҳнаю фарсуда ва аз истифода баромадаанд. Бо мақсади рушд бахшидани соҳаи адабиёт, шароити кори рӯзноманигорони ноҳия ва меҳмонон аз рӯзномаҳои марказӣ, ҳамчунин адибон сохтмони бинои Хонаи матбуот дар ноҳия ба мақсад мувофиқ аст.

*Мушкилиҳои асосии соҳаи алоқа:* Фарсуда гаштани симчӯбҳо ва симҳо, дастрас набудани деҳот ба хизматрасонии телефонӣ.

## БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

***5.1. Ҳифзи муҳити зист.*** Дар самти ҳифзи муҳити зист яке ва пешбурди сиёсати экологӣ дар сатҳи маҳал, шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳия фаъолият менамояд. Мавҷуд набудани озмоишгоҳи экологии замонавӣ, техника ва таҷҳизотҳои муосиру зарурӣ барои пешрафти соҳа монеъа шуда истодааст. Ноҳияи Восеъ аграрӣ буда, проблемаҳои экологии он ба фаъолияти соҳаи кишоварзӣ алоқаманд аст. Иқлими гарм ва релефи ноҳия барои парвариши пахта ва сабзавот хеле мусоид мебошад. Дар ноҳияи Восеъ сатҳи обҳои зеризаминӣ хеле баланд буда, он боиси бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва вазъи экологӣ дар ҷамоатҳои Гулистон (деҳаҳои Қурбоншаҳид, Гулистон), А.Авазов (Восеъободи калон воқеъ дар соҳили дарёи Сурхоб, қисман Ҷаврез), М.Вайсов (деҳаҳои Афғондилии Поён, Кадучӣ,

Заркорон), М.Маҳмадалиев (деҳаҳои Тосқалъа, Охчар, Арал), Рӯдакӣ (деҳаҳои Анористон, Сариангур ва Ғофилобод), Х. Раҷабов (деҳаҳои Кафтархона, Саричашма, Чанор ва Кучабоғ) гардидааст. Дар натиҷаи ин зиёда аз 1490 гектар заминҳои кишоварзӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ қарор доранд. Соли 2015 беш аз 1490 гектар заминҳо дар ҳолати шӯршавӣ қарор дорад, ки ин нишондиҳанда дар қиёс ба соли 2013 129 гектар зиёд мебошад.

Дар ноҳияи Восеъ 18 корхонаи истеҳсолии саноатӣ ва 2535 адад хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ фаъолият менамоянд. Яке аз мушкилотҳои соҳаи экологии ноҳия ин надоштани хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ ва иҷозатномаи меъёрӣ мебошад. Мутаассифона, дар ноҳия ба истисноӣ 8 корхонаҳои саноатии ҶДММ «Неъмат», ҶСК «Самар», ҶСК «Хоҷа Муъмин», ҶДММ «Диловар-Н», ҶДММ «Сорбон А», ҶДММ «Эмом Таърифӣ», Корхонаи хусусии «Ҷовид», Кооперативи истеҳсолии «М.Камолов», 7 корхонаи саноатии боқимонда ҳуҷҷатҳои номбаршударо надорад, ки ин барои пешбурди дурусти соҳа дар сатҳи маҳал таъсири манфӣ мерасонад.

Дар баробари ин, то кунун таъсири моддаҳои зараровари корхонаҳои саноатӣ ба муҳити атроф пурра омӯхта нашудааст.

***Ҷадвали №38. Партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо аз корхонаҳои саноати***

| Ноҳия | Партовҳо ба атмосфера дар ноҳияи Восеъ, тн/сол | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Соли 2015 | | | | | | | |
| | ҳамагӣ тонна | Партовҳои сахт | SO2 | CO | NO2 | Углеводородҳо | ЛОС | Дигар газҳо |
| Восеъ | 432,1779 | 277,6229 | 32,2242 | 111,739 | 5,8164 | 4,2750 | 0,452 | 0,0484 |

Барои кам кардани ҳаҷми партовҳои газ ва чангмонанд, дар навбати аввал корхонаҳои ноҳияро бо таҷҳизоту филтрҳои чангҷамъкунандае, ки қобилияти 70-90 фоиз кам намудани партови чангро доранд, таҷҳизонидан лозим аст.

Яке аз мушкилотҳои ташвишовари соҳа ин дастрасӣ надоштани қисми аҳолӣ, махсусан ҷамоатҳои деҳот ба манбаҳои оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза маҳсуб меёбад.

Дар ноҳия танҳо 21 фоизи аҳолӣ ба манбаъҳои оби нӯшокии тоза дастрасӣ доранду халос, боқимонда 79 фоиз аз ин манбаи бебаҳо истифода бурда наметавонанд. Бисёр нуқтаҳои манбаъҳои оби нӯшокии ноҳия ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавоб дода наметавонад. Аҳолии баъзе ҷамоатҳои деҳоти ба номи М.Маҳмадалиев, М.Вайсов, Х.Раҷабов, Гулистон ва Тугарак оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза надоранд. Дар ҷамоатҳои мазкур аҳолӣ оби каналҳоро истифода мебаранд ва он боиси афзоиши бемориҳои сироятӣ мегардад.

Яке аз мушкилиҳои асосии соҳаи экологии ноҳия мавҷуд набудани хатти обу ташноб мебошад, ки он хавфи аз партовҳо ифлос гардидани обҳои зеризаминиро зиёд менамояд. Дар натиҷаи ин ҳамаи партовҳои маркази ноҳия ба ду заҳкаше, ки аз марказ мегузарад, партофта мешаванд. Дар навбати худ заҳкашҳои номбурда дар ҳолати бад қарор дошта, зидди қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва экологӣ мебошад. Махсусан, дар фасли тобистон, ки аз ин ҳисоб сар задани касалиҳои сироятӣ авҷ мегирад.

Дар шаҳраки Восеъ 23 нуқтаи партовҷамъкунӣ ташкил карда шудааст ва хизматрасонии он аз ҷониби КДФ “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” сурат мегирад. Дар ин самт, сари вақт тоза нагардидани нуқтаҳои партовбарорӣ ба муҳити зист бетаъсир намемонад. Дар ноҳия дар як сол ба ҳисоби миёна 63119 тонна партов бароварда мешавад. Дар баъзе нуқтаҳои аҳолинишин партов дар даруни сой, наздикии ҳавлиҳо ва ҷойҳои ғайримуқаррарӣ партофта мешавад ва боиси ифлосшавии обу замин ва муҳити зист мегардад. Суст будани низоми идоракунӣ ва набудани назорати доимӣ мушкилотро дар ин самт боз ҳам мушкилтар мегардонад.

*Мушкилиҳои асосии бахши муҳити зист:* бад шудани ҳолати умумии заминҳои ноҳия, баланд будани сатҳи обҳои зеризаминӣ, мавҷуд набудани низоми ташноби марказонидашуда ва коррезҳо барои интиқолу безараргардонии партовҳо дар шаҳраки Восеъ, ғайрисамаранок будани корҳои тоза намудани қубурҳо ва коррези беморхонаи марказии ноҳия, мушкилии идоракунии раванди ҷамъоварию коркарди партовҳои сахти маишӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия, ҳаҷми зиёди чангу ғубори корхонаҳои саноатӣ ва сохтмоние, ки ба атмосфера ихроҷ карда мешавад ва паст будани савияи донишҳои экологии аҳолии ноҳия.

## 5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ ва кам кардани ҳолати хатари онҳо

Дар давраи аз соли 2013 то 2015 дар ноҳия 3 ҳолати фавқулодда, аз ҷумла обхезӣ ва сел ба қайд гирифта шудааст. Дар соли 2013 ягон ҲФ ба қайд гирифта нашудааст ва давраи мазкур барои ноҳия ҳамчун давраи ором арзёбӣ мегардад. Дар соли 2015 аз ҳисоби ҳолатҳои фавқулодда ба иқтисодиёти ноҳия ба маблағи 2031,9 ҳазор сомонӣ хисорот расидааст.

***Ҷадвали №39. Таносуби буҷети ноҳияи Восеъ ва хисорот аз ҲФ дар солҳои 2013-2015***

| | *соли 2012* | *соли 2013* | *соли 2014* | *Соли 2015* | *Ҳамагӣ* |
|---|---|---|---|---|---|
| *Буҷет (иҷроиш, сомонӣ)* | *34033809* | *47712421* | *55244821* | *59939874* | *162897116* |
| *Хисорот аз ҲФ (сомонӣ)* | *547025* | *0* | *1590000* | *2031910* | *3621910* |
| *Хисорот аз ҲФ (%)* | *1,6%* | *0%* | *2,9%* | *3,4%* | *2,2%* |

Дар давоми солҳои 2013-2015 аз ҳисоби ҲФ ба ноҳия дар ҳаҷми 3 миллиону 621 ҳазору 910 сомонӣ зарар расидааст, ки он 2,2 фоизи буҷети ноҳияро ташкил медиҳад.

***Ҷадвали №40. Нишондиҳандаҳои арзёбии хисорот аз ҲФ дар соли 2013-2015 аз рӯи иншоотҳо***

| *Иншоотҳои зарардида* | *Маблағи хисорот, сомонӣ* | | |
|---|---|---|---|
| | ***Соли 2013*** | ***Соли 2014*** | ***Соли 2015*** |
| *Хонаҳои истиқоматӣ* | - | *280000* | - |
| *Муассисаҳои соҳаи маориф* | - | *70400* | - |
| *Роҳҳои нақлиёт* | - | *122600* | - |
| *Хатҳои интиқоли барқ* | - | *89700* | - |
| *Иншоотҳои соҳилмустаҳкамкунӣ* | - | - | *1063200* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| *Хатҳои обёрӣ ва каналҳо* | - | *180000* | *6200* |
| *Селпартоҳо* | - | *80000* | - |
| *Истгоҳҳои насосӣ ва гидротехникӣ* | - | *96800* | - |
| *Хатҳои обгузар ва канализатсия* | - | - | - |
| *Аз ҷумла магистралӣ* | - | - | - |
| *Дигар иншоотҳои хоҷагии халқ* | - | *7500* | *270000* |
| *Майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ* | - | *375900* | *692510* |
| *Боғҳо ва ангурзорҳо* | - | *106200* | - |
| *Талафоти ҳайвонот* | - | *180900* | - |
| *Ҳамагӣ:* | - | *1590000* | *2031910* |

Ҳамагӣ дар ноҳия 8 ҷамоати шаҳрак ва деҳот фаъолият менамояд. Дар ҷамоати шаҳраки Восеъ ва 7 ҷамоати деҳот минтақаҳои хавфноки геологӣ мавҷуд мебошад. Аз 69 деҳа ва 34 кӯчаи мавҷуда 34 деҳа ва 4 кӯча ба хатарҳои табиӣ мувоҷеҳ мебошанд, ки ин 35,9 %-и нуқтаҳои аҳолинишинро ташкил медиҳад.

Ба ҳолати 1 январи соли 2016 шумораи хоҷагиҳое, ки бевосита дар минтақаҳои хавфнок ҷойгир шудаанд 10618 адад ё 46,9%-и тамоми хоҷагиҳои ноҳияро ташкил медиҳанд. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хатарнок 91921 нафар ё 45,8%-и аҳолии ноҳия истиқомат менамоянд.

***Ҷадвали №41. Таносуби шумораи умумии деҳот, хоҷагиҳо ва аҳолии ноҳия дар минтақаҳои хавфнок ба ҳолати 1 январи соли 2016 с.***

| *№* | *Номгӯи ҷамоатҳо* | *Шумораи деҳот дар ҷамоат* | *Шумораи деҳот дар минтақаҳои хавфнок* | *Шумораи деҳот дар минтақаҳои хавфнок(%)* |
|---|---|---|---|---|
| *1* | *Тугарак* | *12* | *7* | *58,3* |
| *2* | *Х.Раҷабов* | *16* | *11* | *68,8* |
| *3* | *А.Рӯдакӣ* | *4* | *4* | *100,0* |
| *4* | *М.Вайсов* | *9* | *4* | *44,4* |
| *5* | *А.Авазов* | *9* | *1* | *0,1* |
| *6* | *Гулистон* | *7* | *2* | *28,6* |
| *7* | *М.Маҳмадалиев* | *12* | *5* | *41,7* |
| *8* | *Шаҳрак (кӯчаҳо)* | *34* | *4* | *11,8* |
| | *Ҳамагӣ:* | *69 деҳа 34 кӯча (103)* | ***38*** | ***36,9*** |
| *№* | *Номгӯи ҷамоатҳо* | *Шумораи хоҷагиҳо, ҷамъ* | *Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаи хавфнок* | *Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаи хавфнок (%)* |
| *1* | *Тугарак* | *3214* | *1388* | *43,2* |
| *2* | *Х.Раҷабов* | *3251* | *2203* | *67,8* |
| *3* | *А.Рӯдакӣ* | *1014* | *1014* | *100,0* |
| *4* | *М.Вайсов* | *3363* | *2225* | *66,2* |
| *5* | *А.Авазов* | *2269* | *11* | *0,5* |
| *6* | *Гулистон* | *2901* | *1848* | *63,7* |
| *7* | *М.Маҳмадалиев* | *3382* | *1583* | *46,8* |
| *8* | *Шаҳрак (кӯчаҳо)* | *3258* | *346* | *10,6* |
| | *Ҳамагӣ:* | *22652* | *10618* | *46,9* |

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи аҳолӣ, Ҷамъ | Шумораи аҳолӣ дар минтақаи хавфнок | Шумораи аҳолӣ дар минтақаи хавфнок (%) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тугарак | 31118 | 13174 | 42,3 |
| 2 | Х.Раҷабов | 25611 | 17149 | 67,0 |
| 3 | А.Рӯдакӣ | 10003 | 10003 | 100,0 |
| 4 | М.Вайсов | 31947 | 21263 | 66,6 |
| 5 | А.Авазов | 20005 | 88 | 0,0 |
| 6 | Гулистон | 25294 | 16527 | 65,3 |
| 7 | М.Маҳмадалиев | 33334 | 11012 | 33,0 |
| 8 | Шаҳрак (кӯчаҳо) | 23191 | 2705 | 11,7 |
| | Ҳамагӣ: | 200503 | 91921 | 45,8 |

## Ҷадвали №42. Рӯйхати равандҳои табиие, ки ба деҳот таҳдид мекунанд

| Ҷамоат | Деҳа | Намуди раванди таҳдидкунанда | Ҷамоат | Деҳа | Намуди раванди таҳдидкунанда |
|---|---|---|---|---|---|
| Тугарак | Иттифоқ<br>Шобика<br>Шобикаи боло<br>Ҳ.Қурбон<br>Ибрат<br>Хоҷа-Муъмин (Қарагоч)<br>Навбаҳор<br>Чордара | жола, сел, шамол<br>жола, сел, шамол<br>жола, сел, шамол<br>жола, сел, шамол<br>жола, сел, шамол<br>жола, сел, шамол, ярч<br>жола, сел, шамол<br>жола, сел, шамол | Гулистон | Қурбоншаҳи<br>д<br>Гулистон | жола, барф, сел, шамол<br>жола, барф, сел, шамол |
| | | | М.Маҳмадалиев | Тугай<br>Арал<br>Заркамар<br>Тосқалъа<br>Ҳулбек | жола, барф, сел, шамолжола, барф, сел, шамол жола, барф, сел, шамол жола, барф, сел, шамол жола, барф, сел, шамол,ярч |
| | | | М.Вайсов | Кадучӣ<br>Авгондлилӣ<br>Чорбог<br>Қайнар Хоҷа-Ғалтон | жола, барф, сел, шамол жола, барф, сел, шамол жола, барф, сел, шамол жола, барф, сел, шамол жола, барф, сел, шамол |
| Х.Раҷабов | Чанор<br>Сомон<br>Гултеппа<br>Кафтархона<br>Саричашма<br>Кӯчабог<br>Пушёни поён<br>Пушёни миёна<br>Пушёни боло<br>Османбика<br>Пахтакор | жола, барф, сел, шамол, заминларза<br>жола, барф, сел, шамол<br>жола, барф, сел, шамол<br>жола, барф, сел, шамол<br>жола, барф, сел, шамол<br>жола, барф, сел, шамол<br>жола, барф, сел, шамол<br>жола, барф, сел, шамол<br>жола, барф, сел, шамол<br>жола, барф, сел, шамол<br>жола, барф, сел, шамол | А.Авазов | Боронқул<br>Гулрӯд | жола, барф, сел, шамол, заминларза<br>жола, барф, сел, шамол, ярч |
| | | | шаҳраки Восеъ | Кӯч.Амиршо<br>ев к.<br>И.Раҳимов к.<br>М.Вайсов<br>к. А.Дониш<br>к. А.Сино | жола, сел, шамол, зам/а жола, сел, шамол, зам/а жола, сел, шамол, зам/а жола, сел, шамол, зам/а жола, сел, шамол, зам/а |
| А.Рӯдакӣ | Меҳнатобод<br>Анористон<br>Сари ангур<br>Ғофилобод | жола, барф, сел, шамол заминларза | | | |

*Ҷадвали №43. Рӯйхати хадамоти мазкур бо нишон додани нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷоти онҳо*

| | | |
|---|---|---|
| **Хадамоти хабаррасонӣ ва алоқа (ҶСШК «Тоҷиктелеком»)** | | |
| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавҷуда** | **Эҳтиёҷот** |
| Муҳаррик (генератор) – 1 адад<br>Нақлиёт – 1 адад<br>Кормандон – 7 нафар | Вуҷуд надорад | Симчӯбҳо барои хати алоқа – 100 адад<br>Сутунҳои бетонӣ – 100 адад<br>Ноқили гуногун – 10 км.<br>Ноқилҳои п-274 – 30 км.<br>Тақсимкунанда – 100 адад |
| **Хадамоти таъмини тартибот (ШКД)** | | |
| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавҷуда** | **Эҳтиёҷот** |
| Ҳайати шахсӣ- 99 нафар<br>Генератор – 1 адад<br>Нақлиёт – 5 адад | Вуҷуд надорад | Автобус – 1 адад<br>Компютерҳо – 4 адад<br>Кондитсионерҳо – 10 адад<br>Бино – изолятор.<br>Хайма – 10 адад<br>Қаиқи резинӣ – 2 адад<br>Банди кухнавардӣ - 500 метр<br>Кати хоб – 10 адад |
| **Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ** | | |
| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавҷуда** | **Эҳтиёҷот** |
| Ҳайати шахсӣ- 34 нафар<br>Автомошинаи сухтор-хомӯшкунӣ – 2 адад<br>Мошини хизматӣ – 1 адад | Вуҷуд надорад | Автомошинаи сухтор-хомӯшкунӣ (6 куба) –2 адад<br>Компютерҳо – 2 адад<br>Бинои хадамоти оташнишонӣ – 1 адад<br>Банди кухнавардӣ –200 метр<br>Рӯдахои оташнишонӣ диаметри 51.66.77- 400 м. |
| **Хадамоти роҳ ва нақлиёт** | | |
| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавҷуда** | **Эҳтиёҷот** |
| Кормандон – 48 нафар<br>Трактори чархдор – 2 адад<br>Автогрейдер – 2 адад<br>Экскаватор –1 адад<br>Погрузчик – 1 адад<br>Грейдер – 1 адад | Равғанидизелӣ – 0,1 тонна.<br>Сӯзишвории дизелӣ – 1 тонна<br>Солидол – 20 кг.<br>Нигрол – 30 л.<br>Қисмҳои эҳтиётӣ – ба маблағи 4000 сомонӣ.<br>Либоси зимистона – 20 ҷуфт<br>Захираи омехтаи хоку намак – 310 м.куб. | Экскаватор – 1 адад<br>Камази боркаш – 2 адад<br>Мехлапата – 1 адад<br>Компютер – 1 адад |
| **Хадамоти муҳофизат аз селҳо** | | |
| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавҷуда** | **Эҳтиёҷот** |
| Автомашинаи камаз - 1адад<br>Ҳайати шахсӣ – 66 нафар<br>Булдозер -2 адад<br>Грайдер -1 адад<br>Экскаватор – 2 адад | Вуҷуд надорад | Кран – 1 адад<br>Экскаватор – 2 адад<br>Мехлопата – 2 адад<br>Трайлер – 1 адад |
| **Хадамоти коммуналӣ** | | |
| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавҷуда** | **Эҳтиёҷот** |
| Кормандон – 51 нафар<br>Автомашина барои баровардани партов – 1 адад<br>Трактор МТЗ-80 – 1 адад<br>Трактор Д-25 - 2 адад<br>Автомашинаи обпошӣ - 1 адад | Намак – 6 тонн.<br>Қум - 30 м.куб.<br>Ҳезум – 8 м.куб.<br>Ангишт – 2,5 тонна. | Автомашина барои баровардани партовҳо – 2 адад<br>Трактори Беларус – 1 адад<br>Компютер – 2 адад<br>Автомошинаи гидраварукав -1 адад<br>Автомошинаи обпошӣ – 1 адад |

| Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ | | |
|---|---|---|
| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавчуда** | **Эҳтиёҷот** |
| Ҳайати шахсӣ – 60 нафар<br>Автомашинаи хизматӣ-1 адад | Гипохлориди натрий –50 кг. | Нақлиёт барои кашонидани беморҳои эпидемиологӣ – 3 адад<br>Мутахассисон бо маълумоти олӣ– 10 нафар<br>Автомашинаи безарараргардонӣ - 1адад<br>Компютер – 2 адад |
| **Хадамоти ҳифзи ҳайвонот ва растанӣ** | | |
| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавчуда** | **Эҳтиёҷот** |
| Ҳайати шахсӣ – 7 нафар<br>Автомашинаи хизматӣ – 1 адад | Мавҷуд нест | Нақлиёти хизматӣ – 2 адад<br>Қисмҳои эҳтиётӣ– 3 комплект.<br>Сӯзишвории АИ-92 – 2тонна |
| **Хадамоти энергетикӣ** | | |
| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавчуда** | **Эҳтиёҷот** |
| Ҳайати шахсӣ – 64 нафар<br>Автомашина – 3 адад<br>УАЗ – 1 адад<br>Нақлиёти сабукрав – 1 адад<br>Автомошинаи КИНГ – 1 адад | | Кран – 1 адад<br>Телевишка – 1 адад |
| **Хадамоти тиббӣ** | | |
| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавчуда** | **Эҳтиёҷот** |
| Кормандон – 1600 нафар<br>Дизел – 5<br>Мошини ёрии таъҷилӣ- 5 адад | Сӯзишвории дизелӣ – 100л. | Мошини ёрии таъҷилӣ- 10 адад<br>Компютер – 20 адад<br>Кати хоб – 364 адад<br>УЗИ – 5 адад<br>Дастгоҳи рентгенӣ – 2 адад<br>Гастраскоп – 1 адад |
| **Хадамоти савдо ва хӯрока** | | |
| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавчуда** | **Эҳтиёҷот** |
| Хайати шахсӣ – 6 нафар | Ангишт –30 тонна<br>Гандум – 3 тонна<br>Пиёз – 6 тонна | Яхдони калон – 1 адад<br>Кондитсионер – 2 адад<br>Таъмири анборҳо – 1 адад<br>Автомашинаи хизматӣ – 1 адад<br>Компютер – 1 адад |

**Мушкилоти асосӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар ноҳия:**

- мавҷуд набудани маблағ дар буҷет барои ҳолати фавқулода ва мудофиаи гражданӣ:
- Сатҳи пасти иттилоотнокӣ ва иштироки аҳолӣ дар масоили огоҳсозӣ эътино ба офатҳои таббиӣ;
- набудани низоми самараноки огоҳсозиибармаҳал;
- ғайрисамаранок будани фаъолияти хадамоти ноҳиявии мудофиаи шаҳрвандон;
- набудани харитаҳои минтақаҳои хавфноки ноҳия.

## БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

***6.1. Таъминоти буҷетӣ ва молиявӣ.*** Маблағгузории «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Восеъ барои солҳои 2016-2020» аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети вилоятӣ, буҷети маҳаллӣ, сармояҳои дохилӣ ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайри буҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- *Сармояи инвесторҳои хориҷӣ, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;*
- *Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;*
- *Қарзҳои бонкӣ;*

- *Маблаги фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;*
- *Сармояи муҳоҷирони меҳнатии берунмарзие, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.*

Буҷети ноҳияи Восеъ аз сметаи ягонаи даромаду хароҷот иборат аст. Сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷет - ин андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андози ягона, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз аз амволи ғайриманқул ва ғайра маҳсуб меёбад. Аз ин бар меояд, ки дар ноҳия ҷойҳои нави корӣ таъсис гардида, ҳаҷми пешниҳоди хизматрасониҳо зиёд ва инчунин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш меёбад.

Таи солҳои 2013 – 2015 даромадҳои худии ноҳия ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 40 %-и қисми хароҷоти буҷетро ташкил додаанд ва аз ин сабаб барои пӯшонидани касри буҷет 60 % субвенсия ҷудо карда шудааст.

***Диаграммаи 8: Даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияи Восеъ дар давоми солҳои 2013-2015 (ҳазор сомонӣ)***




Даромади буҷети маҳаллӣ солҳои охир зиёд шудааст. Динамикаи афзоиши даромадҳои буҷети маҳаллӣ ҳамагӣ дар соли 2015 нисбати соли 2013 ба 25,9 фоиз аз ҷумла: аз ҳисоби даромадҳои худи 34,9% ва аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 40,3%-ро ташкил намуд.

***Ҷадвали 44: Сохтори қисмати даромади буҷети ноҳияи Восеъ***

| Сарчашмаи даромад | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 |
| Андоз аз даромади шахсони воқеӣ | 6244283 | 7807962 | 8253365 |
| Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ | 1483297 | 1556214 | 2480753 |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 2012189 | 2778043 | 2740999 |
| Аксизҳо | 76224 | 53208 | 98010 |
| Андоз аз истифодаи қаъри замин | 128769 | 80234 | 312585 |
| Андоз аз истифодаи роҳҳои автомобилгард | 863534 | 1014229 | 605625 |
| Боҷи давлатӣ | 696440 | 694887 | 761759 |
| Андоз тибқи низоми соддакардашуда | 3162176 | 3382473 | 5058849 |
| Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт | 1342072 | 1132118 | 1221234 |
| Андоз аз амволи ғайриманқул | 1724556 | 2303738 | 2355712 |
| Пардохтҳои маҳаллӣ | 101246 | 105184 | 175141 |
| **Ҷамъи воридоти андозҳо** | **17834786** | **20908290** | **24064032** |

Соли 2015 дар сохтори даромад нисбати соли 2013 дар ҳаҷми 32,2% зиёдшавии андоз аз даромад мушоҳида мешавад, ки ба рушди бахши СХМ ва афзоиши шумораи соҳибкорон алоқаманд аст. Инчунин, ҳамасола аз меъёр зиёд иҷро гардидани нақшаи вазифаи муқарраргардида аз рӯи сарчашмаҳои дахлдор дар қисмати даромад ба назар мерасад.

***Диаграммаи 9. Қисми даромади буҷети ноҳияи Восеъ дар соли 2015***




Аз диаграммаи овардашуда маълум мегардад, ки маблағ ба қисми даромади буҷет бештар аз ҳисоби андози даромад аз шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз фоидаи шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андоз бо услуби соддакардашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, боҷи давлатӣ, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз аз амволи ғайриманқул ва дигар пардохтҳо ворид гардидааст.

***6.1.1. Хароҷоти буҷети маҳаллӣ*** барои маблағгузории соҳаҳои буҷетӣ равона гардида, ҳиссаи зиёди он (91%) барои хароҷоти иҷтимоӣ ва 9%-и боқимонда ба дигар соҳаҳо, асосан барои музди меҳнат, равона мегарданд. Дар соли 2015 хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба бахши иқтисодиёт асосан аз пардохти музди меҳнат, суғуртаи давлатӣ ва дигар хароҷотҳои ба рушд алоқаманд набуда иборат буданд. Барои рушд ва бахши идоракунӣ, паст намудани хатари ҲФ маблағҳо танҳо ҳангоми барзиёд иҷро гардидани қисми даромади буҷети ноҳия пешбинӣ мегарданд.

Нақшаи даромади буҷет ҳамасола барзиёд иҷро гардида, иҷроиши қисми хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо таъмин карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳар сол аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои рушди ноҳия аз ҳисоби афзоиши даромадҳо ва бақияҳои озод маблағҳои буҷетӣ ҷудо карда мешаванд.

***Диаграммаи 10: Сохтори қисмати хароҷотии буҷети ноҳияи Восеъ дар давоми солҳои 2013-2015***




| | Идоракунии давлатӣ | Мудофиа | Маориф | Тандурустӣ | Суғурта ва ҳифзи иҷтимоӣ | Хоҷагии манзилию коммуналӣ | Фарҳанг ва варзиш | Хоҷагии қишлоқ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2013 | 4,7% | 0,5% | 64,0% | 25,5% | 1,6% | 0,8% | 1,8% | 1,1% |
| 2014 | 4,3% | 0,6% | 66,4% | 24,5% | 1,1% | 0,6% | 1,3% | 1,3% |
| 2015 | 3,7% | 0,4% | 65,2% | 25,6% | 1,2% | 0,6% | 1,6% | 1,7% |

Чи хеле ки қаблан қайд карда шуд, ноҳия субвенсионӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин бар меояд, ки қисмати хароҷоти ноҳия асосан хусусияти иҷтимоӣ дорад, зеро аз ҳамаи хароҷотҳо ба ҳисоби миёна 65 % ба соҳаи маориф ва 26 % ба соҳаи тандурустӣ ҷудо карда мешавад.

***Диаграммаи 11. Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии функсионалӣ дар соли 2015 (ба ҳисоби фоиз)***




Сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф дар солҳои охир ин ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ мебошад.

Яке аз ҳадафҳои асосии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2016-2020 ин зиёд намудани қисмати даромади буҷаи маҳаллӣ мебошад. Ҷалб намудани воситаҳои иловагии даромад ба буҷети маҳал, тавассути ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ бо истифода аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирон метавонад вобастагии буҷети ноҳияро аз маблағҳои субвенсионӣ кам гардонад.

***6.1.2. Кӯмаки беруна.*** Имконияти ноҳия аз ҷиҳати дороии захираҳои молӣ маҳдуд аст. Маблағҳои буҷетии ноҳияи Восеъ барои таъмини рушди ноҳия ниҳоят каманд. Ноҳия дотатсионӣ буда, барои таъмини буҷети он аз буҷетҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ субвенсияҳо (60%) ҷудо карда мешаванд. Дар ноҳия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ (Ташкилотҳои ғайри ҳукуматӣ) ва бахши хусусӣ муносибатҳои ҳамшарикии хуб ба роҳ монда шудааст, аммо дар масъалаи иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарор на ҳама вақт дар ноҳия ҳамдигарфаҳмӣ ва муттаҳидӣ ба назар мерасад. Ҳамаи ин аз рӯи паст будани ҳавасмандии тарафҳо ва инчунин набудани фаъолияти ташвиқу тарғибот аз тарафи МИҲД ва ТҒҲ ба вуҷуд омадааст.

Дар ноҳия якчанд ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналхалқӣ, аз ҷумла, Бонки Осиёгии Рушд, Сафорати Ҷопон, Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид (UNDP), ташкилоти байналхалқии «ОКСФАМ», ЮСАИД, БҶО, Ҳилоли Аҳмар ва ташкилоти ҷамъиятии Дурандеш фаъолияти худро пеш мебаранд, ки барои рушди ноҳия саҳми арзандаи худро мегузоранд.

***Мушкилиҳои асосӣ*:** набудани ҳисоботдиҳии нозироти андоз доир ба андозҳо ва пардохтҳо дар буриши соҳавӣ (андозҳое ки аз тарафи субъектҳои СХМ дар буриши соҳаҳо пардохта шудаанд), раванди таҳия, татбиқ ва мониторинги БРН дар низомномаи раёсату шӯъбаҳои дахлдори МИҲД н. Восеъ ба таври мушаххас дарҷ нашудааст (махсусан дар низомномаи бахши рушди иқтисод ва савдо), паст будани сифати маълумоти оморӣ, номукаммал будани иқтидори мутахассисон дар масъалаҳои мониторинг ва арзёбии БРН мувофиқи дастурамали расмии вилоят ва ВРИС ҶТ, норасоии таҷҳизоти компютерии хушсифат ва барномаҳои антивирусии литсензионӣ барои шӯъбаву бахшҳои МИҲД ва ҷамоатҳо, мавҷуд набудани шабакаи дохили алоқаи компютерӣ ва интернет, ба бинои маъмурӣ эҳтиёҷ доштани ҷамоатҳо.

## БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии татбиқи “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Восеъ барои солҳои 2016-2020”, низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад.

Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии ноҳия). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро Раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад.

Бо қарори мазкур, барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия - сардори бахши рушди иқтисод ва савдо, шахси масъул таъин карда мешавад.

Раиси ноҳия фармоиши махсус мебарорад, ки нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои дар БРН дохилшуда барои ҳисобот ба бахши рушди иқтисод ва савдо пешниҳод шавад. Муҳим аст, ки давра ба давра малака ва дониши аъзои гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ баланд бардошта шавад.

**Сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ.** Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур мебошад:

- то кадом андоза ҳадафҳои Барнома амалӣ шуда истодаанд;
- дар доираи Барнома, лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги индикат орҳои Барнома ва мониторинги раванди татбиқи лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

***Мониторинги натиҷаҳои БРН*** бо роҳи ченкунии индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои БРН-ро аз рӯи он мулоҳиза намудан мумкин аст, ки то кадом андоза ҳадафҳои мақсадноки БРН ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи электронии маълумотҳои бахши омори ноҳия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар моҳ ва ҳар семоҳа гузаронида мешавад.

***Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо*** дар доираи Барнома, тавассути пур намудани ҷадвалҳои электронии бо формати Excel таҳия гардидаи мониторинги татбиқи лоиҳаҳои БРН, мониторинги индикаторҳои БРН ва ҷадвали ҷамъбастии шакли М-1 ҳар семоҳа ба таври синхронӣ гузаронида мешавад ва ҷамъбасти он ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо ирсол карда мешавад.

Ҳамасола ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон-экспертҳо), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.